Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Таваккал Чориев, Ҷумъаназар Эшонқулов**

# САВОДОМӮЗИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА ХОНИШ 3

**Қисми 1-ум**

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 3-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст



ТОШКАНД – 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 811.222.8(075.3)
КБК 81.2(5Тад)я72
Ч 78

*Муқарризон:*

**А. Назаров** – методисти шуъбаи таълими халқи ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд;

**Р. Мӯъминҷонов** – директори мактаби рақами 10-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона, аълочии таълими халқи Республикаи Ўзбекистон;

**Г. Юлдошева** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 58-уми ноқияи Чусти вилояти Намангон;

**М. Файзидинов** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 1 -уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона;

**К. Ярашов** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 56-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё;

**Р. Кӯчканова** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 15-уми ноқияи Паркенти вилояти Тошканд;

**М. Сайфиева** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби таълими умумии давлатии махсусонидашудаи рақами 21-уми ноҳияи Самарқанд.

Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш, синфи 3 (Матн): китоби дарсӣ / Т. Чориев (ва диг.) (Қисми 1-ум). – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022. – 144 саҳ.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

– Андешаронӣ

– Мустақилфикрӣ

– Фаъолияти эҷодӣ

– Фарҳанги имло

– Кор бо луғат

– Машғулияти завқбахш

– Вазифаи хонагӣ

– Кор бо гурӯҳ

– Ганҷи андарзҳо

– Тест (Pisa)

– Чархи ақл

– Хушзеҳнӣ

– Савол ва супориш

УЎК
КБК

Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби маркази таълими Республика коркард шудааст.

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика чоп шудааст.

ISBN 978-9943-7811-4-6

© Маркази таълими Республика, 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУНДАРИҶА


### БОБИ I. ВАТАНАМ, ҶОНУ ТАНАМ, ИМОНАМ!

#### ВАТАН ИФТИХОРИ МОСТ

Мавзӯи 1. Ҷашни истиқлол ........ 6
Мавзӯи 2. Зи нури поки истиқлол ........ 7
Мавзӯъҳои 3 – 4. Ватан, ту модари ҷонам! ........ 9
Мавзӯъҳои 5 – 6. Ватан – имрӯзу фардоям ........ 10
Мавзӯъҳои 7 – 8. Муҳофизати табиат ........ 11
Мавзӯъҳои 9 – 10. Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар ........ 13

#### МО ВАТАНРО ПОСБОНЕМ, ТОЛИБИ СУЛҲУ АМОНЕМ

Мавзӯъҳои 11–12. Сулҳ – қосиди дӯстӣ ........ 16
Мавзӯи 13. Кай ман калон мешавам? ........ 18
Мавзӯи 14. Сарҳадбонӣ ........ 19

#### ТИРАМОҲИ ЗАРНИСОР...

Мавзӯъҳои 15 – 16. Нарав тирамоҳ! ........ 20
Мавзӯи 17. Фасли тирамоҳ кай оғоз меёбад? ........ 22
Мавзӯъҳои 18 – 19. Меҳргон ........ 23
Мавзӯи 20. Деҳқон ва хирс (Афсонаи халқӣ) ........ 25
Мавзӯи 21. Себ ........ 26
Мавзӯи 22. Тирамоҳи зарринмӯ ........ 27
Мавзӯи 23. Офтобпараст ........ 28

#### БУНЁДКОРӢ ВА СОХТМОНҲОИ ТОЗАБУНЁДИ ДИЁРАМОН

Мавзӯи 24. “Боғи Ӯзбекистони нав” ва “Муҷассамаи истиқлол” .. 30
Мавзӯи 25. Боғи ғалаба ........ 32
Мавзӯи 26. Мижек сити – шаҳраки мӯъҷизавӣ ........ 34

#### БУЗУРГОНАМОН – ИФТИХОРИ МОЯНД!

Мавзӯи 27. Ривояти санҷиш ........ 36
Мавзӯи 28. Танга дар зери курсӣ (Ривоят) ........ 37
Мавзӯи 29. Вазири ободкор ........ 39
Мавзӯи 30. Такрор ва мустаҳкамкунӣ ........ 40
Мавзӯъҳои 31 – 32. Кори назоратӣ ва таҳлили он ........ 41

### БОБИ II. ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯ

#### ТЕХНИКАҲОИ КАЙҲОНӢ ВА НАҚЛИЁТҲОИ НАВБУНЁД

Мавзӯи 33. Воситаҳои нақлиёт ........ 42
Мавзӯъҳои 34 – 35. Мошинҳои таъйиноти махсус ........ 43
Мавзӯи 36. Дар роҳи оҳан ........ 46
Мавзӯи 37. Истифодаи дурусти велосипед ........ 48
Мавзӯи 38. Боздошти воситаҳои нақлиёт ........ 49




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 39. Боиси рух додани фалокат дар роҳ .......................... 50
Мавзӯи 40. Ишорачароғаки мошинҳо ........................................... 52
Мавзӯи 41. Дастовардҳои илму техника ......................................... 54
Мавзӯъҳои 42 – 43. Таркиби калима ............................................. 56

## ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНОЛОГИИ РАҚАМДОР

Мавзӯи 44. Компютер (роёна) ....................................................... 58
Мавзӯи 45. Имкониятҳои компютер (роёна)...................................... 59
Мавзӯъҳои 46– 47. Чопгар (принтер)............................................... 61
Мавзӯъҳои 48– 49. Исм. Саволҳои исм............................................ 63
Мавзӯи 50. Исми хос ва имлои он .................................................. 65

## ТАҶҲИЗОТИ ОБУ ҲАВОСАНҶ ВА МУАЙЯНКУНАНДАИ ҲОДИСОТИ ТАБИӢ

Мавзӯи 51. Таҷҳизоти обу ҳавосанҷ............................................... 66
Мавзӯи 52. Исмҳои танҳо ва ҷамъ.................................................. 68

## АЗ ГИРИФТОРИИ ҲАРГУНА БЕМОРИҲО ЭҲТИЁТКОР БУДАН

Мавзӯи 53. Духтури дандон............................................................ 69
Мавзӯи 54. Зуком ва табобати он ................................................... 70
Мавзӯи 55. Сифат. Саволҳои сифат ............................................... 72

## ОМАД ФАСЛИ ЗИМИСТОН

Мавзӯи 56. Манзараи зимистон ...................................................... 73
Мавзӯи 57. Барф ............................................................................. 74
Мавзӯи 58. Ҳилаи рӯбоҳ (Афсонаи халқӣ) ...................................... 75
Мавзӯи 59. Сифатҳои муқобилмаъно............................................... 77
Мавзӯи 60. Такрор ва мустаҳкамкунӣ.............................................. 78
Мавзӯъҳои 61–62. Кори назоратӣ ва таҳлили он ........................... 81

## БОБИ III. КОМИЛҲУҚУҚИИ ИНСОН

## ҲУҚУҚИ БАЧАГОН

Мавзӯи 63. Ҳуқуқҳои хурдсолон.................................................... 82
Мавзӯи 64. Қонуни асосии давлати мо............................................ 83
Мавзӯи 65. Худ ва дӯстонатро муҳофизат намо! ........................... 85
Мавзӯъҳои 66– 67. Кафолати ҳуқуқҳои кӯдакон ............................. 86

## ӮҲДАДОРӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Мавзӯъҳои 68 – 69. Таълиму тарбияи фарзанд ............................. 89
Мавзӯъҳои 70 – 71. Адаб бо падару модар ................................... 91
Мавзӯи 72. Имлои сифат................................................................. 93

## САРПАРАСТӢ ВА ҒАМХОРИИ ВАТАН БА ШАҲРВАНДОН

Мавзӯи 73. Дар канори Ватан ......................................................... 94
Мавзӯъҳои 74 – 75. Фарзанди Ватан.............................................. 95
Мавзӯи 76. Шумора. Саволҳои шумора .......................................... 97



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## АЗ НАКӮКОРОН НАКӮЙ БИОМӮЗ!

Мавзӯи 77. Як олам амали нек ........ 98
Мавзӯи 78. Сазои хубӣ ........ 100
Мавзӯи 79. Шумораҳои миқдорӣ ва тартибӣ ........ 102
Мавзӯи 80. Такрор ва мустаҳкамкунӣ ........ 103
Мавзӯъҳои 81 – 82. Кори назоратӣ ва таҳлили он ........ 104

## БОБИ IV. САНЪАТ ВА МАДАНИЯТ

### САНЪАТИ МЕЪМОРӢ

Мавзӯи 83. Санъати меъморӣ ........ 105
Мавзӯи 84. Биноҳои мӯҳташами меъмории шаҳри Тошканд ........ 107
Мавзӯи 85. Ансамбли меъморӣ чист? ........ 108
Мавзӯъҳои 86 – 87. Меъморбачаҳо ........ 109

### САНЪАТИ МИНЁТУРНИГОРӢ

Мавзӯи 88. Санъати минётурнигорӣ ........ 111
Мавзӯи 89. Минётурнигорони машҳур ........ 112
Мавзӯи 90. Наққош ва минётурнигори маъруф ........ 113
Мавзӯи 91. Феъл. Саволҳои феъл ........ 115

### САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Мавзӯи 92. Қаламҳои ранга ........ 116
Мавзӯи 93. Санъати тасвирӣ ........ 117
Мавзӯъҳои 94 – 95. Ҳафтранг ........ 118
Мавзӯъҳои 96 – 97. Рангҳои ҳамсафар ........ 121
Мавзӯъҳои 98 – 99. Рангҳо ба оина назар карданд ........ 124
Мавзӯи 100. Холаи зардӯз ........ 127
Мавзӯи 101. Замонҳои феъл ........ 128
Мавзӯъҳои 102 – 103. Офтобаки хандонрӯ ........ 130

### САВТУ СУРУДҲОИ ДИЛОШӮБ

Мавзӯи 104. Биё, баҳор! ........ 133
Мавзӯи 105. Соли нав ........ 134
Мавзӯи 106. Хон китоб! ........ 135
Мавзӯи 107. Ҳикоят ........ 137

### ОДОБИ МУОШИРАТ

Мавзӯи 108. Салом! ........ 138
Мавзӯи 109. Рост гӯй ва айб маҷӯй! ........ 140
Мавзӯи 110. Такрор ва мустаҳкамкунӣ ........ 141
Мавзӯъҳои 111 – 112. Кори назоратӣ ва таҳлили он ........ 142



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ I. ВАТАНАМ, ҶОНУ ТАНАМ, ИМОНАМ!

## ВАТАН ИФТИХОРИ МОСТ

### МАВЗӮИ 1. ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Рӯзи Истиқлоли Ватанамон – Ӯзбекистонро халқҳои гуногунмиллати ин сарзамин бо шодию фараҳ ҷашн мегиранд. Мо аз он меболему мефахрем, ки ҷашни Истиқлоли кишварамон дар арафаи соли нави таҳсил баргузор мегардад. Шодиву хушҳолии мо аз ин бештар меафзояд, зеро дар ин рӯзҳо ид болои ид аст. Ҳам ҷашни Истиқлол ва ҳам оғози соли нави таҳсил.



Пешрафтҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ истиқлоли моро мустаҳкам менамояд. Мо кишвари худро дӯст медорем, бо пешрафту тараққиёти он мефахрем ва дар оянда мо низ дар ин кор ҳисса хоҳем гузошт.

Матнро хонед ва таассуроти хешро доир ба **“Ҷашни Истиқлол”** ва **“соли хониши навоғоз”** баён намоед.

Аз чанд ҳарфу овоз иборат будани калимаҳои **“Истиқлол”**, **“соҳибистиқлолӣ”**-ро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Маҷмӯи овозҳои ба ҳам алоқаманд калима ном дорад.

Тобиши маъноӣ ва ба кадом саволҳо ҷавоб шудани калимаҳои **“меболем”** ва **“мефахрем”**-ро гӯед.

Дар сутунчаҳои холӣ номи рамзҳои давлатии Ватанамон – Ӯзбекистонро нависед.




Ҷумлаи поёниро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

Саноат, сохтмон, шаҳрсозӣ, роҳсозӣ ва баркрасонӣ дар мамлакати мо сол аз сол тараққӣ мекунад.

## МАВЗӮИ 2. ЗИ НУРИ ПОКИ ИСТИҚЛОЛ

Ҷаҳондонист Истиқлол,
Ҷаҳонхонист Истиқлол,
Ҷаҳонсозист Истиқлол.
Ҷаҳонбонист Истиқлол.

Зи нури поки Истиқлол
Саропо мо дурахшонем.
Ба роҳи худшиносиҳо
Қадам мардона мемонем.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба амри поки Яздонӣ,
Насиби мост Истиқлол.
Хушо, имрӯз ҳам фардо
Ҳабиби мост Истиқлол.

*Ҳаким Гӯё*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он ҳар як банди онро дар алоҳидагӣ шарҳ диҳед.

Калимаҳои **“ҷаҳондонист”**, **“ҷаҳонхонист”**, **“ҷаҳонсозист**, **“ҷаҳонбонист”**-ро аз ҷиҳати тобиши маъно шарҳ диҳед.

Мазмуни зарбулмасалро кунед.

Ҳифзи ҷон воҷиб аст, ҳифзи
Ватан аз он воҷибтар.

Банди дуюми шеърро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮЪҲОИ 3–4. ВАТАН, ТУ МОДАРИ ҶОНАМ!

**Мафҳуми Ватан** ва **Модар** ҳаммаъно мебошанд. Чунонки ҳар инсон як Модар дорад, ҳамчунин як Ватан дорад. Баъзан ин ду калимаро дар паҳлӯи якдигар менависанд. **Ватан – Модар** ва ё **Модар – Ватан.** Ба қадри Модар расидан маънои онро дорад, ки ба қадри Ватан бирасем. Оғӯши Ватан мисли оғӯши Модар аст. Дар он деҳаҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои зиёд меғунҷанд.

*Муҳаммад Лутфуллозода*

Матнро хонед ва пас аз он ба савол ва супоришҳои поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Чаро калимаҳои **“Ватан”** ва **“Модар”** бо ҳарфи калон навишта шудааст?
2. Мафҳуми **“Ватан – Модар”**-ро шарҳ диҳед.

Ба саволи пешниҳодшуда бо тартиб додани ҷумлаҳо ҷавоб диҳед.

| **Ватан аз чӣ оғоз меёбад?** | | |
|---|---|---|
| ВАТАН | аз аллаи Модар | |
| | аз афсонаи модаркалон | |
| | аз панду насиҳати бобо | |
| | аз ҷонбозиҳои фарзандони содиқ | |
| | аз тамошои манзараҳои зебои табиат | |
| | аз фидокориҳои устодони ватандӯсту донишманд | |

Бо интихоби сарлавҳаи **“Ватан – Модар”** матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Калимаҳои ҳаммаъноии **“Ватан”**-ро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

| МАЪНОИ 1 | | МАЪНОИ 2 | | МАЪНОИ 3 |
|---|---|---|---|---|
| Ҷойи таваллуд ва нашъунамо | | Ҷойи истиқомат | | Диёр |
| Деҳа, шаҳр | | Манзил | | Сарзамин |
| Мамлакат | | Макон | | Кишвар |
| Зодгоҳ | | Маскан | | Меҳан |

## МАВЗӮЪҲОИ 5–6. ВАТАН – ИМРӮЗУ ФАРДОЯМ



Ватан ҷисмам, Ватан ҷонам,
Ту ҳастӣ нури имонам.
Ватан ҳам қалбу виҷдонам,
Ва мерос аз ниёконам.
Ватан – имрӯзу фардоям.
Ватан – маъвои зебоям.
Ту ободиву ман шодам.
Зи кулли ранҷ озодам.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ватан ту модари ҷонам,
Умедам, нури чашмонам.

*Парвина Маҳмудова*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он калимаҳои ба васфу ситоиши Ватан корбастшударо номбар кунед.



Ба расму тасвирҳо нигоҳ кунед ва ҷумлаҳои дилхоҳ тартиб диҳед.

Сухани пурҳикматро мазмунан баён намоед.

Алоқае дар дунё шадидтар (шиддатнок, сахт) аз меҳр ба Ватан нест. *Афлотун*

Шеърро аз ёд кунед.

## МАВЗӮЪҲОИ 7–8. МУҲОФИЗАТИ ТАБИАТ

Тозаву озода нигоҳ доштани макони зист, гӯшаи ноободеро ба гулистон табдил додан ва ғамхорона муносибат кардани кас ба олами набототу ҳайвонот аз муҳимтарини аркони дӯстдорию эҳтиром гузоштан нисбат ба Ватан мебошад. Агар ин нишонаҳо дар одам эҳсос нагардад, пас бе ягон дудилагӣ метавон гуфт, ки имони ватандории ӯ заиф аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мо соҳиби табиати худ ҳастем ва он барои мо махзани Офтобро мемонад, ки пур аз ганҷинаи ҳаёт аст. Ин ганҷинаи бебаҳоро ҳифз кардан кам аст, дари онро кушодан ва намоиш додан лозим аст. Ба моҳӣ – об, ба парранда – ҳаво, ба ҳайвоноти ваҳшӣ – бешазор ва кӯҳсор, ба одам – Ватан лозим. Пас, ҳифзи табиат – ҳифзи Ватан аст.

Матнро хонед ва мазмунашро баён намоед.

Калимаҳои душворфаҳми таркиби матнро бо шарҳ ба дафтар рӯбардор кунед.

Сухани пурҳикматро мазмунан нақл кунед.

*Ҳар киро меҳри Ватан нест, шараф нест ва ҳар киро номус нест, хушбахтӣ нест.*

Чистонро хонед ва ҷавобашро бо гузоштани ҳарфҳои садоноки мувофиқ ёбед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Донишманди бузургвор,
Панду ҳикматаш бисёр.
Бо ӯ агар шавӣ дӯст,
Гардад туро омӯзгор.



Ҷумлаи **“Ҳифзи табиат – ҳифзи Ватан аст”**-ро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

## МАВЗӮЪҲОИ 9–10. МЕШАВАД АЗ КИШВАРИ МАН ҶИЛВАГАР

Хонаи уммеди дунё кишварам,
Кишвари паҳновару бахтоварам,
З-ин саодат сар ба гардунҳо барам,
Ҳофизи озодии баҳру барам.



Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.
Сулҳ чун хуршеди тобон ҳар саҳар,
Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар.

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил намуда, тобишҳои маъноии калима ва ибораҳои зеринро ба хотир оред.

*Гардун, хонаи уммед, кишвари паҳновар, кишвари бахтовар, ҳофизи озодӣ, хуршеди тобон.*

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Худаш калону соя надорад,
Аз ҳама болою поя надорад.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.







Ҷумла оламро диҳад ӯ зебу фар,
Нур пошад бар сари навъи башар.
Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.



Баҳри олам сулҳ даркор аст, сулҳ,
Насли одамро нигаҳдор аст, сулҳ,
Чун шифои ҷони бемор аст, сулҳ,
Модаронро бахти бедор аст, сулҳ.

Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.

*Боқӣ Раҳимзода*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Калимаи **“башар”**-ро аз ҷиҳати тобиши маъно шарҳ диҳед ва инчунин дар паҳлӯи он калимаҳои ҳаммаънояшро нависед.

Калимаҳо аз рӯйи қоидаи муайян ба ҳамдигар алоқаманд шуда, ибора ва ҷумларо ташкил медиҳанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бозии “Калимаёбак”.** Аз ҳарфҳои пешниҳодшуда кадом калимаҳо ҳосил шуданашро ёбед.




Чистонро хонед ва бо бараъксхонӣ ҷавобашро ёбед.

Чевар не, намедӯзад,
Аммо бо сӯзан мегардад.



1. Бо ҷобаҷогузории таркибҳо шакли пурраи зарбулмасалҳоро пайдо кунед.

1. Меҳнат кунӣ____________________________.
2. Меҳнат_________________________________.
3. Бе меҳнат______________________________.

**Таркибҳо барои истифода:** *роҳат мебинӣ, шараф аст, роҳат муяссар намешавад.*

Шеърро аз ёд кунед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МО ВАТАНРО ПОСБОНЕМ, ТОЛИБИ СУЛҲУ АМОНЕМ

## МАВЗӮЪҲОИ 11–12. СУЛҲ – ҚОСИДИ ДӮСТӢ



Ба либос назар кунед ва номи миллатҳои намояндагони мардуми кишварамонро нависед.

Сухани пурҳикматро мазмунан шарҳ диҳед.

Агар хоҳӣ беҳтарини халқ бошӣ, чизе аз халқ дареғ мадор!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Сулҳ баҳорест, баҳор оварад,
Равнақу шодиву барор оварад.
Сулҳ бувад шаршараи ҷӯйи об,
Сулҳ диҳад ҳусни пур аз обутоб.

Сулҳ чароғи раҳи оянда аст,
Сулҳ зи иқбол намоянда аст.
Сулҳ шакарханди лаби кӯдакон,
Сулҳ ҳамоҳанги дили модарон.

*Аминҷон Шукӯҳӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он фикрҳои такягоҳи дар шакли ҷумла навишташударо маънидод намоед.

1. Сулҳ – баҳор. 2. Сулҳ – шаршараи ҷӯйи об. 3. Сулҳ – чароғи раҳи оянда. 4. Сулҳ – шакарханди лаби кӯдакон. 5. Сулҳ – ҳамоҳанги дили модарон.

Луғатҳоро бо шарҳ ба дафтар рӯбардор кунед.

**1. Иқбол** – бахт, толеъ, саодат.
**2. Равнақ** – болоравӣ, пешрафт, инкишоф.
**3. Сулҳ** – оштӣ, амонӣ.

Байни гурӯҳҳо лаҳзаи **“Ҳуҷуми ақлӣ”** ташкил намуда, ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Зери мафҳуми “Сулҳ” чиро мефаҳмед?
2. Барои чӣ шоир сулҳро ба баҳор монанд кардааст?
3. Калимаҳои **“сулҳ”** ва **“ҷанг”** аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ доранд?
4. Шоир дар шеъри мазкур бештар ба кадом масъала таваҷҷӯҳ намудааст?

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо сухани пурҳикмати **“Сулҳ неъмати олист”**-ро пайдо кунед.




Шеърро аз ёд кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 13. КАЙ МАН КАЛОН МЕШАВАМ?

Ман, чун калон мешавам,
Ба аскарӣ меравам!
Мепӯшам бар сари худ
Каллапӯши хушнамуд,
Аз они аком барин,
Ситорачааш заррин.

Камзӯлаки пагондор,
Тугмачаҳояш – қатор.
Маҳкам тасма мебандам,
Ин хел мемонам қадам:
Яку дую сею чор! –
Аскари таппа-тайёр!
Кай ман калон мешавам?!
Кай аскарӣ меравам?!

*Озод Аминзода*




Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Бо назардошти саволҳо чанде аз калимаҳои таркиби шеърро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

| кӣ? | чӣ? | чӣ хел? | чӣ кор мекунам? |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Ду ва зиёда калимаҳои мустақил, ки яке ба дигаре тобеъ шуда, мафҳуми мураккабро ифода мекунанд, ***ибора*** ном дорад.

Калима ва ибораҳоро дар алоҳидагӣ номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Далер, муҳофизи Ватан, ҷасур, посбони кишвар, паҳлавон, фарзанди ҷоннисор, чобук, аскари кулоҳдор, бақувват.*

Сухани пурҳикматро мазмунан шарҳ диҳед.

Азобе чун азоби дурафтодагони Ватан нест.

*(Аз "Ҳазору яу шаб")*

## МАВЗӮИ 14. САРҲАДБОНӢ

Мо, фарзанди кӯҳистон,
Дар таътили тобистон
Сарҳадбонӣ мекунем
Ҳамроҳи сарҳадбонон.

Дидаҳои мо – пурнур,
Дилҳои мо бедор аст,
Дар поси худ мебошем,
Ин ҷо ҳама ҳушёр аст.

Сарҳади мулки худро
Пайваста бо дилу ҷон,
Нигаҳбонӣ мекунем
Чун гавҳараки чашмон.

Сарҳади мо – мустаҳкам,
Сарҳади мо – дастнорас,
Наметавонад онро
Вайрон кунад ягон кас!

*М. Ҳайдаршоҳ*



Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он ҳар банди онро дар алоҳидагӣ шарҳ диҳед.

**Ҳарфҷадвал.** Бо истифодаи ҳарф калима ва бо калимаҳо якчанд ибора тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Сухани пурҳикматро мазмунан шарҳ диҳед.

Агар хоҳӣ қадри ту баланд гардад, қадри мардум шинос!

## ТИРАМОҲИ ЗАРНИСОР...

## МАВЗӮЪҲОИ 15–16. НАРАВ ТИРАМОҲ!

Тирамоҳи зарнисор,
Шадда марҷонаш қатор.
Ҳалқаҳояш каҳрабо,
Хандааш пури тилло.

Ҷомаи бараш заррин,
Рӯймоли сараш заррин.
Шитоб накун, зуд нарав,
Ками дигар меҳмон шав.

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он чун шоир бо баёни фикр фасли тирамоҳ ва манзараҳои гирду атрофро ёдрас кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба расм нигаред ва номи меваҳоро номбар кунед.

Ба расм сарлавҳа интихоб намуда, матни аз се-чор ҷумла таркибёфта тартиб диҳед.

Тирамоҳи бошукӯҳ,
Пахтаҳояш кӯҳ-кӯҳ,
Меваҳояш боғ-боғ,
Бӯйи хушаш дар димоғ,
Ҳосилаш ғарам-ғарам,
Ба гӯшакат гап дорам.
Росташро гӯям ин бор –
Хушрӯтарӣ аз баҳор!...

*Гулчеҳра Сулаймонова*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.







Тобиши маънои иборахои поёниро ёдрас кунед ва монанди он якчанд ибораҳои дигар нависед.

чӣ хел? чӣ хел? чӣ хел?

Тирамоҳи зарнисор, тирамоҳи бошукӯҳ, тирамоҳи заркокул.

Ба расм нигаред ва ҷумлаҳои дилхоҳ тартиб диҳед.




Шеърро аз ёд кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 17. ФАСЛИ ТИРАМОҲ КАЙ ОҒОЗ МЕЁБАД?

Рӯзҳо ҳанӯз дароз ва ҳаво хеле гарм бошад ҳам, лекин номаълум, оҳиста-оҳиста фасли тирамоҳ меояд. Агар аз рӯйи тақвим ҳисоб кунем, тирамоҳ якуми сентябр сар мешавад.

Аз рӯйи ҳисоби астрономӣ тирамоҳ 22-юми сентябр, вақте ки дар тамоми кураи замин рӯзу шаб баробар асту дувоздаҳсоатиро ташкил медиҳад, оғоз меёбад. Баъди ин рӯзҳо кӯтоҳ шудан мегиранду шабҳо баръакс дароз мешаванд. Агар тағйироти худи табиатро ба назар гирем, тирамоҳ баъзан дер, баъзан зуд фаро мерасад.

Матнро хонед ва ба кадом фасли сол алоқаманд буданашро гӯед.

Ба саволи поёнӣ ҷавоб диҳед.

Чаро дар тирамоҳ баргҳо зарду арғувонӣ ва бунафш мешаванд?

Фаслҳои сол ва моҳҳои фарогири онҳоро бо тартиб додани ҷадвал ёдрас кунед.

**Гурӯҳи калимаҳои ба якдигар алоқаманд ва ё калимаи ҷудогонае, ки фикри тамомшударо ифода мекунад, ҷумла номида мешавад.**

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Як дарахту сад дандон,
Заб-зардаки лабхандон.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Луғатҳоро бо шарҳ ба дафтар рӯбардор кунед.

1. **Астрономӣ** – ситорашиносӣ, нуҷум.
2. **Арғувонӣ** – сурх, сурхтоб.
3. **Бунафш** – ранги нофармон, ранги кабуди моил ба ранги гули бунафша.

Ба расм нигаред, манзараҳои тирамоҳи ҷойи зист ва гирду атрофро бо тартиб додани матн баён намоед.

## МАВЗӮЪҲОИ 18–19. МЕҲРГОН

Калимаи **“Меҳргон”** аз ду ҷузъ иборат аст. **“Меҳр”** ба маънои муҳаббат, самимият, дӯстӣ, рӯшноӣ ва **“-гон”** далел бар нисбат, яъне ба чизе мансуб будан аст.

Меҳргон ҷашни аҳду паймон, дӯстиву рафоқат, меҳр ба инсон буда, ҷашни ҷамъоварии ҳосили киштукор ва натиҷаи заҳмати пурбори деҳқон аст.

Меҳргон ба монанди Наврӯзу Сада яке аз ҷашнҳои бошукӯҳи мардуми ориёитабор, аз ҷумла тоҷикон аст. Он аз замонҳои қадим ба мерос монда, гузаштагон онро бошукӯҳу шаҳомат, суруру шодмонӣ баргузор мекарданд.

Меҳргон чун Наврӯз яке аз ҷашнҳои бузургу бошаҳомати мардумӣ буда, оинҳои ин ду ҷашн бо якдигар монандиҳо доранд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Матнро хонед ва дар хусуси ҷашни **“Меҳргон”** ҳар он чизе ки медонед, баён кунед.

Ба саволи поёнӣ ҷавоб диҳед.
**“Меҳргон”** чӣ гуна ҷашн ба шумор меравад?

Мо фикрамонро ба воситаи ҷумлаҳо баён мекунем. Нутқи мо аз ҷумлаҳо иборат аст.

Аз чанд ҷумла иборат будани матни **“Меҳргон”**-ро гӯед.

Бо гузоштани ҳарфҳо дар катакҳои холии ҳарф-ҷадвал номи меваҳои тирамоҳиро пайдо кунед.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Т | | Р | | У | |
| А | | Ч | И | | | | | |
| | Х | | Р | | У | | А | |
| | | З | А | | Д | | Л | |
| Х | | Р | М | | | | | |
| | А | | О | | | | | |
| | Б | | Ҳ | | | | | |

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳои поёнӣ зарбулмасалеро пайдо кунед.



Ба расму тасвирҳо нигаред ва фикратонро ба шакли хаттӣ баён намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 20. ДЕҲҚОН ВА ХИРС

*(Афсонаи халқӣ)*

Деҳқон ва хирс ҷӯра (ошно, дӯст) буданд. Онҳо гандум коштанд. Ҳосилро тақсим карданд. Дар вақти тақсимкунӣ деҳқон барои худаш қисми болояшро гирифт. Ба хирс решаашро дод. Зимистони дароз деҳқон нону самбӯса хӯрд, лекин хирс бо гуруснагӣ рӯз гузаронд.



Соли дигар онҳо шалғам коштанд. Тирамоҳ омад, шалғамҳо калон шуданд. Хирс акнун дар вақти тақсимот хост, ки қисми болои ҳосилро гирад. Деҳқон розӣ шуд. Дар вақти тақсим деҳқон решаҳо, яъне шалғамҳоро гирифт. Ба хирс қисми боло, алафҳоро дод.

Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил намуда, амалиёт ва шуғли кору рафоқати марди деҳқон ва хирсро ба ёд оред

Аз чанд ҷумла иборат будани матни афсонаи **“Деҳқон ва хирс”**-ро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чистонро хонед ва ҷавобашро гӯед.



Ман шоҳи ҳайвонҳоям,
Ҷангалу беша ҷоям.

Ба расм назар кунед ва якчанд ҷумла тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 21. СЕБ

Тирамоҳ. Рӯзи якшанбе буд. Донишомӯзони синфи сеюм ба себзор рафтанд. Дар токзор Қудратбобо токҳоро хомток (парчинкунӣ) карда истода буданд.



– Биёетон, – гӯён, бачаҳоро хурсанд пешвоз гирифтанд. Бачаҳои боодоб ба бобо салом доданд.

– Офарин, шербачаҳо, офарин! Ба себҳо нигоҳ кунед, хеле рехта истодаанд.

Бачаҳо сухани боборо бо зудӣ фаҳмиданд. Онҳо яктоӣ сабадча гирифта, ба чиндани себ машғул шуданд...

*Маҳмуд Муродов*

Бо матн шинос шавед ва пас аз он ба чунин саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Бачаҳо куҷо рафтанд?
2. Бобо ба бачаҳо чӣ гуфт?
3. Чаро бачаҳо ба даст сабадча гирифтанд?
4. Ҳамсинфон ба ҳамдигар чӣ хел муносибат карданашон лозим?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар гуфтугӯ тамом шудани ҳар як ҷумла-ро оҳанги талаффуз муқаррар месозад. Ҷумлаҳоро дар навишт аз якдигар аломатҳои китобатӣ ҷудо мекунанд.

Аломатҳои китобатии дар ҷумлаҳо корбастшуда-ро номбар кунед.

– Э, кори хуб нашудааст-ку! Шамолкашида будагист, – гуфт Қудратбобо сарашро ҷунбонда. Пас ба бачаҳо: – Аз себ гиретон бачаҳоям! – гуфт.

Якчанд номи себҳоро номбар кунед ва пас аз он нависед.

## МАВЗӮИ 22. ТИРАМОҲИ ЗАРРИНМӮ

Тирамоҳи зарринрӯ,
Тирамоҳи зарринмӯ,
Гӯям, ту ба кӣ монанд?
Ба арӯсаки хушрӯ!

Анори дона-дона,
Дилафрӯзу дӯлона.
Харбузаҳои ширин,
Себаки сурхи хона.

Ранга ба ранга ангур,
Мурӯду ноки хушхӯр.
Қоқу мавизу бодом
Ба ҳама созӣ манзур.

Тирамоҳи заркокул,
Набошӣ гарчи пургул.
Аз ҳамаи фасли сол,
Ба ман ту ҳастӣ маъқул!

*Латофат Кенҷаева*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шерро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро маънидод намоед.

Калимаҳои ифодакунандаи аломати предмети таркиби шеърро бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Аз рӯйи расм фикратонро хаттӣ баён намоед.

Луғатҳоро бо шарҳ ба дафтар рӯбардор кунед.

1. **Дилафрӯз** – яке аз намудҳои нок.
2. **Қоқ** – зардолуи хушконидашуда, ғӯлинг.
3. **Манзур** – пешниҳод кардан.

Ҷумлаи пешниҳодшударо бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

*Дар таркиби баргҳо доначаҳои зиёди хурд-хурде ҳастанд, ки ранг доранд: сабз, зард, сурх.*

## МАВЗӮИ 23. ОФТОБПАРАСТ



Дар деҳаи Боғи тилло дар полизи Фарзон ном деҳқоне байни ҷӯякҳои қатори Сабзию Боимҷон, Бодирингу Қаланфур як дона ниҳолаки Офтобпараст рӯид. Ниҳолак, ки аз донаи аз кимкуҷо овардаи шамолак руста буд, рӯз аз рӯз озодона сӯйи боло қад мекашид.

Ӯ ҳама чизи дунё – боронаки сарду гарми баҳор, шамолаки тунду тез, офтобаки гарму сӯзон, тиру камони рангаро дӯст медошт. Агар борон меборид ӯ мегуфт:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бибор, бибор, боз бибор,
Оҳиставу соз бибор,
Аз рӯйи ман чанг бишӯй,
Шавам тозаю хушрӯй ...

*Маҳбуба Неъматзода*

Матнро хонед ва фикру мулоҳизаатонро баён намоед.

Дар хусуси имло ва бо ҳарфи калон навишта шудани номи одамон, деҳа, маҳсулоти полизии таркиби матн фикр баён кунед.

Ба саволи поёнӣ ҷавоб диҳед.

Майдони паҳновари офтобпарасти кишткардашуда чӣ ном дорад?





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Тақлидкору пайрави офтобакам,
Ҳар тараф ӯ равад, рӯ ба ӯ метобам.

Ба расм нигаред, шумораи танҳо ва ҷамъи маҳсулоти полизиро нависед. Пас аз он бо истифодаи ҳамон калимаҳо ҷумлаҳои дилхоҳ тартиб диҳед.

## БУНЁДКОРӢ ВА СОХТМОНҲОИ ТОЗАБУНЁДИ ДИЁРАМОН

### МАВЗӮИ 24. “БОҒИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ” ВА “МУҶАССАМАИ ИСТИҚЛОЛ”

31 августи соли 2021 ҷашни ботантанаи кушода шудани **“Боғи Ӯзбекистони нав”** ва **“Муҷассамаи Истиқлол”**, ки бахшида ба 30-солагии истиқлоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон бунёд гардида буд, ба амал омад.

Дар қисми марказии боғ обидаи мӯҳташам – **“Муҷассамаи Истиқлол”** қад рост намудааст. Агар





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аз боло назар андозем, тарҳи боғ ба панҷ шохаи дарахти бузург монанд аст, ки он маънои рамзии панҷ самти устувори стратегияи ҳаракатро ифода менамояд. Дар атроф ва дохили боғи хушманзар ҳавзи сунъӣ, майдончаҳои варзиш, бозигоҳҳои бачагона, амфитеатр, фаввораҳо, иншоотҳои савдо ва хизматрасонӣ, дӯконҳои ҳунармандӣ бунёд гардидааст.

Тасвири мурғи Ҳумои болкушода ба осмон парвоз карда, рамзи сулҳу озодӣ, некиву фаровонӣ ба шумор меравад, ки он дар қисми болоии муҷассама мисли гултоҷ қарор гирифтааст.

Матнро хонед ва дар хусуси **“Боғи Ӯзбекистони нав”** ва **“Муҷассамаи Истиқлол”** ҳар он чизе, ки медонед бозгӯӣ кунед.

Аз рӯйи расм ва мазмуни матн байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Маҷмӯи овоз ва ҳарфҳо ***нутқ*** номида мешавад.

Нутқи мо аз овозу ҳарф, калима, ибора ва ҷумла таркиб меёбад. Инсон фикрашро шифоҳӣ (даҳонӣ) ва хаттӣ баён мекунад.

**Ҳарфҷадвал.** Бо гузоштани ҳарфҳо катакҳои холиро пур кунед ва пас аз он калимаҳоро номбар кунед.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1. | В | • | Қ | • | |
| | 2. | М | А | • | Т | • | Б |
| 3. | К | • | Т | • | Б | | |
| | 4. | Қ | А | • | А | • | |
| | | 5. | Н | • | Н | | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 25. БОҒИ ҒАЛАБА




Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев соли 2020 дар шаҳри Тошканд ба муносибати ҷашни 75-солагии Ҷанги Бузурги Ватанӣ **“Боғи Ғалаба”** бунёд гардид. Масоҳати умумии **“Боғи Ғалаба”** 14,6 гектарро ташкил медиҳад. Маҷмӯа ба 12 майдони рамзӣ тақсим шудааст. Монанди майдонҳои даромадгоҳ, тасвири даҳшатноки ҷанг, хиёбони марказӣ, техникаи ҳарбӣ, вокзал, майдони ақибгоҳ, амфитеатр ва бинои маъмурӣ, майдони мотам, минтақаи шодмонӣ, майдони ғалаба, осорхонаи давлатии **“Шаъну шараф”** ва майдони миннатдорӣ.

Дар осорхона солҳои ҷанг ва оқибатҳои он, манзараҳои замони ҷанг, аз ҷумла хандакҳо ва блиндажҳо,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хаймаҳо, ошхонаҳои саҳрої ва дигар расмҳо, инчунин саҳми беназире, ки дар ғалабаи бузург ба даст оварда шудааст, тасвир ёфтааст.



Матнро хонед ва дар хусуси **“Боғи Ғалаба”** ҳар он чизе, ки медонед, бозгӯӣ кунед.

Аз рӯйи расм ва мазмуни матн байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Инсон ҳангоми мубодилаи афкор, мулоқот ва гуфтугӯ матлабро ба таври шифоҳӣ, ҳангоми ба коғаз ё худ ба дафтар навиштан матлабро хаттӣ баён мекунад.

Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Ҷанг, ғалаба, ғолиб, мағлуб, душман, хунрезӣ, ҷоннисорӣ, ҳимоя.*

Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Собирҷон соатсоз аст,
Соҳиби касби соз аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 26. МИЖЕК СИТИ – ШАҲРАКИ МӮЪҶИЗАВӢ




**“Мижек сити”** чун **“Боғи Ӯзбекистони нав”**, **“Муҷассамаи Истиқлол”**, **“Боғи Ғалаба”** яке аз биноҳои навбунёди кишвари Ӯзбекистон ба шумор меравад. Он дар соли 2021 дар рӯзи 1 июн – Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон ҳамчун маскани истироҳатӣ ва сайру гашту тамошо ба халқ ҳадя гардид.

Кӯчаҳои Амстердам пур аз хонаҳое мебошанд, ки ба биноҳои қадимии **“шиновар”** монанданд. Биноҳо дар кӯчаи Барселона бо услуби Антонио Гауди сохта шудаанд ва бо ишораҳои табиӣ пур шудаанд.

Дар саҳни **“Мижек сити”** фаввораи мусиқии бузургтарин ҷо гирифтааст. Он фаввораи мӯъҷизаосо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба шумор меравад. Дар рафти намоиш тамоми сатҳи обро дар давоми чанд сония туман фаро мегирад ва фаввора мисли оташ медурахшад.

Хусусияти дигари назарраси **“Мижек сити”** шаҳри ҷодугарист, ки он ёдгории меъмории Нойшванштайни Баварияро ба дида ҷилвагар менамояд. Бинои пурмӯҳташам писанди кӯдакони афсона ва мултфилмдӯстанд.

Матнро хонед ва дар хусуси **“Мижек сити”** ҳар он чизе ки медонед, бозгӯӣ кунед.

Аз рӯйи расм ва мазмуни матн байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Корвони бисёр,
Паи ҳам қатор.



Аз саҳар то шом,
Мекашонад бор.

Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.
*Тамошо, саёҳат, истироҳат, мӯъҷиза, дилписанд, бошукӯҳ.*

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БУЗУРГОНАМОН – ИФТИХОРИ МОЯНД!

### МАВЗӮИ 27. РИВОЯТИ САНҶИШ



Ибни Сино бо зиракии беандозаи худ шӯҳрат пайдо карда буд. Рӯзе барои ин хислати Ибни Синоро санҷидан дӯстонаш ӯро ба меҳмонӣ даъват карданд. Баъди зиёфату сӯҳбат Ибни Сино барои ба хонаащ баргаштан иҷозат гирифта, ба даҳлез баромад. Вай дар даҳлез баробари ҳарду пои кафшашро пӯшидан як ба боло ва як ба поён нигоҳ карду бо тааҷҷуб китф дарҳам кашид.

Дӯстонаш пурсиданд:

– Маънои тааҷҷуби шумо чист?

– Ё қади ман баланд шудааст ва ё шифти хона поин фаромадааст, – ҷавоб дод Ибни Сино.

– Ба мо маълум нест-ку? – пурсиданд боз дӯстонаш.

Ибни Сино гуфт:

– Он қадар не, фақат ба андозаи як қабат дока.

Дӯстонаш ба Ибни Сино таҳсин хонданд ва гуфтанд:

– Мо ҳангоми ба хона даромада нишастанатон ба зери патаки кафшатон як қабат дока гузошта будем, то ки шуморо бисанҷем. Офарин ба шумо, ки бо ақлу заковати худ моро ин дафъа ҳам ба ҳайрат овардед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Агар доир ба донишмандӣ ва хушгуфтории Ибни Сино ривояти дигареро донед, бозгӯӣ кунед.

Гуфтори Ибни Синоро дар алоҳидагӣ номбар кунед.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| С | У | Р |
| И | К | С |
| Н | О | Й |

| | | |
|---|---|---|
| Т | А | М |
| А | А | И |
| Н | Г | Р |

Се ҷумлаи аввали матнро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

## МАВЗӮИ 28. ТАНГА ДАР ЗЕРИ КУРСӢ

*(Ривоят)*

Овардаанд, ки рӯзе амири Сомонӣ Абӯалиро имтиҳон карданӣ шуд. Ӯ ба хизматгорони худ фармуд, ки дар зери чор пои курсии Абӯалӣ чор танга гузоранд. Онҳо амри амирро ба ҷо оварданд, вале Абӯалӣ аз ин кор умуман хабаре надошт.

Вақте ки Абӯалӣ омад, ба рӯйи курсии худ нишаст, як ба тарафи осмон нигоҳ кард ва боз ба тарафи замин нигоҳ карда, аз тааҷҷуб ва ҳайрат сари худро ҷунбондан гирифт.

Амири Сомонӣ гуфт:

– Ҳакими замонро чӣ чиз дар тааҷҷуб андохтааст, ки ин қадар дар ҳайрат монданд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Абӯалӣ гуфт:

Ман имрӯз ҳайронам, ки тахти ман ба миқдори пушти корде баланд гаштааст ё худ осмон ҳамон қадар ба замин наздик шудааст.

Амири Сомонӣ ва аркони давлаташ бар камоли ҳис ва эҳсосоти ӯ таҳсин ва офарин намуданд.



Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аз рӯйи расм ва мазмуни матн байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Сухани пурҳикмати зеринро мазмунан шарҳ диҳед.

Рафиқи инсон далели хиради ӯст.

Хониши ривояти **“Танга дар зери курсӣ”** ва баёни мазмуни он.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 29. ВАЗИРИ ОБОДКОР

Як шоҳи Форс аз вазираш хашмгин шуда, ӯро аз вазифа озод кард ва гуфт:

– Барои худ ҷоеро интихоб кун, ки ба ту диҳам. Он ҷо бо аҳли хонаводаат зиндагӣ ба сар барӣ.

Вазир гуфт:

– Ба ман чизе лозим нест. Ҷойи обод ҳам намехоҳам. Агар лутф кунед, ба ман деҳи вайронеро диҳед, ки обод карда, ҷойи зиндагиро барои худ созам.



Шоҳ фармуд, ки чанд деҳи вайрон бошад, ба ӯ нишон диҳанд, то ки интихоб кунад. Дар мамлакат ягон деҳи вайрон пайдо карда натавонистанд, ки ба ӯ бидиҳанд. Ин хабарро ба шоҳ расонданд.

Вазир гуфт:

– Шоҳо, ман медонистам, ки дар ин қаламрав деҳи вайрон нест. Акнун, ки вазоратро аз ман гирифтӣ, ба касе деҳ, ки ба вақти рафтанаш ҳамон тавре ба ту супорад, ки ман супоридам.

Шоҳ ба хизмати арзандаву шоистаи вазир офарин хонду аз ӯ узр хосту вазоратро аз нав ба вай супорид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аз рӯйи расм ва мазмуни матн байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Сухани пурҳикмати зеринро мазмунан шарҳ диҳед.

Вазир бояд ба ободии мамлакат машғул шавад, то ки забонаш ҳамеша дар назди шоҳу гадо дароз бошад ва аз чизе бим (тарс) надошта бошад. *Унсурулмаолии Кайковус*

Хониши матн ва тартиб додани саволҳо.

## МАВЗӮИ 30. ТАКРОР ВА МУСТАҲКАМКУНӢ

Маълумоти фарогири мавзӯъҳои омӯхташударо бо гузаронидан мусобиқаи “Ҳуҷуми ақлӣ” такрор кунед.

Мафҳумҳои **калима, ибора, ҷумла, нутқ**ро шарҳ диҳед.

Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

1. Гуллола рӯйи санг гирифт,
   Гелоси саврӣ ранг гирифт.
2. Зарди баланди заъфарон,
   Бар саллаҳои қоқувон.
3. Ранги бунафши дилкушо,
   Бар савсани гулзори мо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Суратмуаммо.** Аз рӯйи расм бо гузоштани сарҳарф зарбулмасали **“Забон тарҷумони дил аст”**-ро пайдо кунед.



## МАВЗӮЪҲОИ 31–32. КОРИ НАЗОРАТӢ ВА ТАҲЛИЛИ ОН

### Бегоҳӣ

Модарам нони гарм пухт. Бародарам аз боғ ангури сиёҳ овард. Ангурро бо нон хӯрдем. Барои дамгирӣ ба рӯйи ҳавлӣ баромадем. Шамоли форам мевазид. Бӯйи гули садбарг ва райҳон ба ҳавлӣ паҳн шуда буд.

### Испанд

Испанд яке аз гиёҳҳои шифобахши қадимии тибби Шарқ аст. Онро Абӯалӣ ибни Сино дар муолиҷаи беморҳои гуногун истифода бурдааст. Испанддудкунӣ дар Шарқ машҳур гаштааст. Аз тухми испанд ранги сурх мегиранд, ки дар ранг додани гилем ба кор меравад.

Порчаи шеъриро хонед ва пас аз он ба расм нигоҳ карда сарлавҳа интихоб кунед. Фикратонро хаттӣ баён кунед.

Дар соати бисту чор
Маро шавед интизор.
Пеши шумо меоям,
Бо тӯҳфаҳо меоям.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БОБИ II. ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯ

## ТЕХНИКАҲОИ КАЙҲОНӢ ВА НАҚЛИЁТҲОИ НАВБУНЁД

### МАВЗӮИ 33. ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Мошинҳоро ба гурӯҳи **мошинҳои боркаш, сабукрав** ва **мусофиркаш** ҷудо мекунанд. Мошинҳои калоне, ки бордонҳои гуногун доранд, **мошинҳои боркаш** номида мешаванд. Ин мошинҳо борҳои кишоварзӣ, мардум ва корхонаву идораҳоро мекашонанд. Ба ин гуна автомобилҳо **“Белаз”, “Камаз”, “Зил”, “Газ”** ва ғайра дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи автомобилҳои сабукрав **“Тико”, “Матиз”, “Нексия”, “Спарк”, “Ласетти”, “Кобалт”, “Тойота”, “Мерседес”, “Опел”, “Камрӣ”, “Лексус”, “Хюндай”, “Ландкрузер”, “Ниссан”** ва ғайраҳо дохил мешаванд.




Ба гурӯҳи воситаҳои нақлиёти мусофиркаш автобусҳои хурд – **“Уаз”, “Газел”,** автобусҳои калон – **“Газ”, “Кавз”, “Лаз”, “Икарус”, “Троллейбус”, “Автобус”** ва ғайра дохил мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Велосипед, велосипедҳои мотордор, мототсиклҳо, аробачаҳои маъюбӣ, мотороллерҳо низ ба воситаҳои нақлиёт дохил мешаванд.

*(Аз “Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ”-и Н.Зайниддинов, Ҳ.Мунавваров)*

Матнро хонед ва пас аз он **мошинҳои боркаш, сабукрав** ва **мусофиркаш**ро бо ном дар алоҳидагӣ нависед.

Номи хоси **мошинҳои боркаш, сабукрав** ва **мусофиркаш**ро дар якҷоягӣ машқи талаффуз кунед.

Ба саволи поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Кадом намуди воситаҳои нақлиётро медонед?
2. Автобус ва спарк ба кадом намуди воситаҳои нақлиёт дохил мешаванд?

Номи хоси мошинҳои медонистагиатонро нависед.

## МАВЗӮЪҲОИ 34–35. МОШИНҲОИ ТАЪЙИНОТИ МАХСУС

Автомобили хадамоти оташнишонӣ ё сӯхторхомӯшкунӣ ранги сурх дорад, чунки ин ранг диққатҷалбкунанда мебошад. Дар паҳлӯи дарҳои кабинаи ин мошинҳо рақами **“101”** навишта шудааст, ки ин рақами телефони хадамоти оташнишонӣ мебошад.




Мақомоти корҳои дохила, яъне **“милитсия”** низ аз чунин автомобилҳои махсус истифода мебарад. Ран-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ги ин автомобилҳо сафед ё зард буда, навиштаҷоти **“милитсия”**-ро доранд. Дар паҳлӯи дарҳои кабинаи ин мошинҳо рақами **“102”** навишта шудааст. Дар болои онҳо чароғҳои милтосии рангашон сурху кабуд ва сабз васл шудааст.

Матнҳоро хонед ва пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Ба саволи поёнӣ ҷавоб диҳед.
Ба мошинҳои таъйиноти махсус кадом мошинҳо дохил мешаванд?

## ТЕСТ

Автомобили хадамоти оташнишонӣ ва корҳои дохила ҳангоми ба ҷойи ҳодиса шитоб кардан аз кадом сигналҳо истифода мебаранд?

а) аз сигналҳои овозии махсус ва чароғҳои милтосӣ
б) аз сигналҳои беовоз
в) аз телефон ва садои занг

Бо корбасти калимаҳои зерин якчанд ҷумла тартиб диҳед.

*Сӯхтор, оташ, фиғон, фарёд, сӯхторхомӯшӣ, мардум.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба қатори автомобилҳои таъйиноти махсус автомобилҳои мақомоти тандурустӣ низ дохил мешаванд. Инҳо автомобилҳои **“Ёрии таъҷилии тиббӣ”** мебошанд, ки ранги сафед дошта, дар паҳлӯҳояшон тасмаи сурх ва рақами **“103”** кашида шудааст.




Агар чунин автомобилҳо сигналҳои овозӣ ва чароғҳои милтосияшонро ба кор андохта бошанд, пиёдагардон ва ронандагони дигар воситаҳои нақлиёт вазифадоранд, ки ба онҳо роҳ диҳанд, то ки онҳо ба ҷойи ҳодиса сари вақт расида тавонанд. Пиёдагардон бояд қисми автомобилгарди роҳро зуд озод намуда, ба канори роҳ ва ё роҳи пиёдагард бароянд.




*(Аз “Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ”-и Н.Зайниддинов, Ҳ.Мунавваров)*

Матнро хонед ва пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Ба саволи поёнӣ ҷавоб диҳед.
Мошинҳои рақами **“103”** ва **“104”** дошта, чӣ гуна мошинҳои таъйиноти махсус ба шумор меравaнд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТЕСТ

1. Рақами **“103”** ба кадом намуди мошини хизматрасонӣ мансуб аст?
   а) оташнишон
   б) милитсия
   в) ёрии таъҷилии тиббӣ

2. Бо баробари занг задан бо мошини **“Ёрии таъҷилии тиббӣ”**, ки сари вақт ба хонадони бемор ҳозир мегардад?
   а) сӯхторхомӯшкун
   б) духтур
   в) милитсия

Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Бемор, духтур, ҳарорат, табобат, дору, ҳароратсанҷ, тануманд.*

## МАВЗӮИ 36. ДАР РОҲИ ОҲАН

Ҳар як воситаи нақлиёт дар замин, об ва фазо роҳи худро дорад. Роҳи ҳавоӣ барои ҳавопаймо (самолёт), роҳи обӣ барои киштиҳо, роҳи заминӣ барои воситаҳои нақлиёти заминӣ ва роҳи оҳан барои қаторахо муқаррар шудаанд.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Роҳи оҳан аз дохили шаҳрҳо, деҳаҳо гузашта роҳҳоеро, ки дар онҳо воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон ҳаракат мекунанд, бурида мегузарад. Дар роҳҳои оҳан монеаҳо барои пиёдагардон гузошта намешаванд, бинобар ин барои ҳаёти онҳо ин роҳ хавфи калон дорад. Азбаски поезд бисёр вазнин аст ва бо суръати ниҳоят тез ҳаракат мекунад, онро яку якбора боздоштан ғайриимкон аст.

Дар наздикии роҳи оҳан бодиққат ва эҳтиёткор будан лозим аст. Роҳи оҳанро танҳо аз ҷойҳои махсус ҷудокардашуда мегузаранд. Дар ҷойҳои серодам барои гузаштан аз роҳи оҳан кӯпрук(пул)ҳои махсус сохта мешаванд. Ҳангоми дидани поезди наздикомада гузаштан аз роҳи оҳан қатъиян манъ аст. Дар роҳи оҳан ва наздикии он бозӣ накунед, чунки ин рафторатон барои ҳаёти шумо ниҳоят хавфнок аст!

*(Аз “Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ”-и Н. Зайниддинов, Ҳ.Мунавваров)*

Матнро хонед ва мазмунашро баён кунед.

Ба саволҳои поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Роҳи оҳан барои чӣ лозим аст?
2. Чаро дар роҳи оҳан бозӣ кардан мумкин нест?

## ТЕСТ

1. Кадоме аз он калимаҳо ҳаммаънои калимаи **“самолёт”** ба шумор меравад?

а) чархбол б) ҳавопаймо в) дучарха

2. Дар кадом банд ҳаммаънои калимаи **“поезд”** навишта шудааст?

а) мусофиркаш б) поезд в) қатора



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Дар болои зинаҳо,
Роҳ меравад хонаҳо.



## МАВЗӮИ 37. ИСТИФОДАИ ДУРУСТИ ВЕЛОСИПЕД

Ҳар шахс дар овони хурдсолӣ велосипедсавориро дӯст медорад. Велосипед низ яке аз воситаи нақлиёт мебошад. Шахсе, ки онро идора мекунад, ронанда ҳисобида мешавад.

Дар асоси талаботи **“Қоидаи ҳаракат дар роҳҳо”** танҳо пас аз синни 14-солагӣ наврасон метавонанд бо велосипед ба роҳи автомобилгард бароянд. Пеш аз ҳама, онҳо бояд оддитарин талаботи қоидаи идора намудани велосипедро донанд, то ки сабабгори сар задани фалокат дар роҳ нагарданд.



Қоидаи ҳаракат дар роҳ амалҳои зерини ронандагони велосипедро манъ менамояд:

– суккон (рул)-ро бо як даст дошта ҳаракат кардан;

– интиқоли мусофирон, ба ғайр аз тифлони то 7 сола, дар нишастгоҳи иловагӣ, ки бо поймонак муҷаҳҳаз (таҷҳизонида) нест;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– ҳаракат намудан аз қисми автомобилгарди роҳ дар сурате, ки дар канори роҳ пайроҳаи велосипедронӣ мавҷуд аст;

– кашида бурдани велосипедҳо бо дигар воситаҳои нақлиёт.

*(Аз "Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ"-и Н.Зайниддинов, Ҳ.Мунавваров)*

Матнро хонед ва пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Ба саволҳои поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Дар куҷо велосипедсаворӣ кардан мумкин ва дар куҷо мумкин нест?
2. Аз синни чандсолагӣ бо велосипед дар роҳи мошингард баромадан иҷозат дода мешавад?

Номи қисмҳои дучархаро нависед.

## МАВЗӮИ 38. БОЗДОШТИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Вақте ронанда хавфро ҳис менамояду мошинро боздоштанӣ мешавад, як муддати муайян мегузарад. Ин муддат хеле кӯтоҳ бошад ҳам, ҳаёти инсонро ҳал мекунад.

Роҳе, ки автомобил ҳангоми монеаро дидани ронанда то ба пуррагӣ бозистодани он ҳаракат мекунад, изи тормоздиҳӣ меноманд.

Дарозии он аз суръати мошин вобаста аст. Масалан изи тормоздиҳӣ ҳангоми 40 километр/сония 13,1 метрро ташкил медиҳад. Бинобар ин, мошини ҳаракаткунандаро яку якбора дар ҷояш боз доштан номумкин аст. Агар шумо роҳи автомобилгардро ба тарафҳо нигоҳ накарда, алалхусус дар ҷойҳое, ки барои гузаштани пиёдагардон манъ аст, аз пеши автомоби



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ли 12–15 метр наздикомада гузаред, он гоҳ рух додани фалокат ногузир аст. Ҳаргиз аз пеши автомобили наздикомада давида нагузаред, зеро ин хатарнок аст!

*(Аз “Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ”-и Н.Зайниддинов, Ҳ.Мунавваров)*

Ба саволҳои поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Чаро мошини ҳаракаткардаистодаро яку якбора боз дошта намешавад?
2. Изи тормоздиҳӣ чӣ маънӣ дорад?

Ададҳои таркиби матнро бо ҳарфҳо табдил намуда, нависед.

## МАВЗӮИ 39. БОИСИ РУХ ДОДАНИ ФАЛОКАТ ДАР РОҲ

Фалокати роҳу нақлиёт ҳам бо айби ронандагон ва ҳам бо айби пиёдагардон метавонад ба амал ояд. Ронандагон ҳангоми бо суръати тез ҳаракат кардан, ба ронандаи дигар роҳ надодан, қоидаи гузаштан аз чорроҳаро риоя накардан, ҳангоми сурх будани чароғи роҳнамо гузаштан, дар ҳолати мастӣ идора на-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мудани воситаи нақлиёт ба фалокати роҳу нақлиёт дучор меоянд.

Фалокатҳои роҳу нақлиёт, инчунин бо сабабҳои аз тарафи пиёдагардон вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат ба амал меоянд. Монанди агар пиёдагард роҳро аз ҷойҳое, ки барои гузаштан манъ аст, ё ҳангоми сурх будани чароғи роҳнамо гузарад, яку якбора аз паси монеаҳо ба қисми мошингарди роҳ барояд, аз пеши мошини наздикомада давида гузарад.

*(Аз “Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ”-и Н.Зайниддинов, Ҳ.Мунавваров)*

Матнро хонед ва пас аз он ба саволҳои поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Чӣ гуна ҳодисаро фалокати роҳу нақлиёт номидан мумкин аст?
2. Кадом сабабҳо метавонад боиси рух додани фалокати роҳу нақлиёт гардад?
3. Пиёдагардон барои пешгирӣ аз фалокати роҳу нақлиёт бояд ба кадом қоидавайронкуниҳо роҳ надиҳанд?
4. Дар кадом ҳолат ин гуна мошинҳо сигналҳои овозӣ ва чароғҳои милтосиашонро ба кор меандозанд?

Калимаҳои ҳамрешаи шаклан ҷамъ ва танҳоро ба таври муқоиса номбар кунед.

Сухани пурҳикматро мазмунан баён намоед.

Ҳарчи фикри шумо бузург бошад, ба ҳамон андоза бештар ба афкори дигарон эҳтиром мегузоред.
*Паскал*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 40. ИШОРАЧАРОҒАКИ МОШИНҲО

Тамоми намуди автомобилҳо, чӣ боркашу сабукрав ва чӣ мусофиркаш (автобусу троллейбус) чароғи нурафкани гуногунранг доранд. Дар пеши мошинҳо чароғҳо ранги сафед ва зард, дар қафо ранги сурх ва зард доранд.



Чароғҳои калони сафеди пеши автомобилҳо барои шабона равшан намудани роҳ хизмат мекунанд.

Чароғҳои сурхи ақиби автомобилҳо ҳангоми фурӯзон шудан боздоштани воситаи нақлиётро нишон медиҳанд.

Ин чароғҳо барои чӣ хизмат мекунанд?

Ронандагон ба воситаи ин чароғҳо ронандагони дигар ва пиёдагардонро аз амали худ пешакӣ огоҳ месозанд.

Агар чароғҳои зарди чашмакзананда аз тарафи чапи пешу қафо фурӯзон шаванд, ин чунин маънӣ дорад, ки ронанда автомобили худро ба тарафи чап мегардонад.

Агар чароғи зарди чашмакзанандаи тарафи рост фурӯзон шавад, он гоҳ мо пай мебарем, ки ронан-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

да автомобили худро ба тарафи рост гардондан мехоҳад.

Матнро хонед ва пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Ба саволҳои поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Чароғҳои зарди чашмакзананда барои чӣ хизмат мекунанд?
2. Агар ронанда мошинро ба тарафи чап гардониданӣ бошад, кадом чароғҳоро фурӯзон мекунад?
3. Воситаҳои нақлиёт боз чӣ гуна чароғҳо доранд?

Аз таркиби матн калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Дар катакҳои холӣ номи чанде аз автомобилҳоро нависед.




Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Об хӯрданд аз шаршара
Даҳ даравгар дар дара.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 41. ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМУ ТЕХНИКА

Одамон парвози паррандагонро мушоҳида карда завқ мебурданд. Орзу мекарданд, ки мисли онҳо парвоз кунанд. Дар бораи парвози одамон ҳар гуна афсонаю ривоятҳо мебофтанд. Оҳиста-оҳиста одамон хондану навиштан ва сохтани ҳар гуна чизҳоро ёд гирифтанд. Мурғи оҳанин – ҳавопаймо ҳам месохтагӣ шуданд.

Аввалин ҳавопайморо 17-уми декабри соли 1903 дар Амрико бародарон Райт сохтаанд, ки **“Флаер-1”** ном дошт.




**“Флаер-1”** бори аввал дар баландии қариб се метр 37 метр масофаро дар 12 сония тай кард. Худи ҳамон рӯз ин ҳавопаймо ба масофаи 260 метр парвоз кардааст. Он ҳамагӣ 4 маротиба парвоз кардааст.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**“Флаер-1”** асосан аз чӯб сохта шуда буд. Он танҳо дар суръати вазидани бод ва аз рӯйи релсҳои мувофиқ парвоз мекард. Дарозии қанотҳояш 12 метр ва вазнаш 283 килограммро ташкил медод.

Ҳавопаймоҳо ниҳоят гуногун мешаванд ва кори одамонро осон мекунанд. Шаҳру мамлакатҳои гуногунро мепайванданд. Аз ин сӯ ба он сӯйи замин дар соатҳои муайяншуда парвоз мекунанд.

Матнро хонед ва пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Ибораи **“мурғи оҳанин”**-ро аз ҷиҳати тобиши маъно шарҳ диҳед ва калимаҳои бар ивази он корфармудашавандаро гӯед.

**Бозии “Калимаёбак”.** Намудҳои нақлиёти ҳавоиро нависед ва номбар кунед.




## ТЕСТ

1. **Самолёт** дар куҷо парвоз мекунад?

а) дар фурудгоҳ б) дар аэропорт в) дар фазо

2. Кадоме аз он воситаи нақлиёт тезпарвоз аст?

а) чархбол б) ракета в) ҳавопаймо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮЪҲОИ 42–43. ТАРКИБИ КАЛИМА

Реша, асос, пешванд, пасванд, бандак воҳидҳои таркиби калима ба шумор меравfamd.




Хонед ва ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

Воҳиди калимасозе, ки пеш аз решаи калима якҷоя навишта мешавад, **пешванд** ном дорад. **бе-, бо-, ба-, би-, бу-, то-, на-, но-, ҳам-,** пешвандҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравanд.

⌐ аломати шартии пешванд мебошад. Бо ҳамин аломат пешванд муайян карда мешаванд.

Пешвандҳои дар даруни ҳалқа додашударо пеш аз калимаҳо илова намуда, бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Хонед ва ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

Воҳиди калимасозе, ки пас аз решаи калима якҷоя навишта мешавад, **пасванд** ном дорад.

Дар забони тоҷикӣ пасвандҳо микдоран хеле бисёранд. Баъзе аз онҳо: **-ҳо, -он, -гон, -чӣ, -гар, -зор, -сор, -истон, -ӣ, -ин, -гӣ.**

аломати шартии пасванд мебошад. Аломати мазкур дар вақти муайян кардани пасванд дар болояш гузошта мешавад.

Бо иловаи пасвандҳо ба номи растанӣ, калимаҳои ҳамреша тартиб диҳед.




Ҳиссаи ёрирасоне, ки пас аз реша ё асос меояд, бандак ном дорад.

аломати шартии бандак мебошад.

Бандакҳо чор навъ мешавад: бандаки изофӣ **(и)**, бандакҷонишинҳои соҳибӣ (**-ам, -ат, -аш; -амон, -атон, -ашон),** бандакҳои феълӣ (**-ам, -ӣ; -ем, -ед, -анд),** бандакҳои хабарӣ (**-ам, -ӣ, -аст; -ем, -ед, -анд.)**

Аз рӯйи аломатҳои шартӣ мисолҳо нависед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНОЛОГИИ РАҚАМДОР

## МАВЗӮИ 44. КОМПЮТЕР (РОЁНА)



Компютерҳои муосир таҷҳизоти электроние мебошанд, ки миқдори бузурги ахборро ҳифз ва коркард мекунанд. Бори аввал онҳо солҳои 40-уми асри бист пайдо шуданд. Самаранокии компютерҳои пурикитдор ба миллиард амалиёт дар 1 сония мерасад. Аз ин сабаб онҳо барои ҳалли мақсадҳои гуногун: аз пешгӯйии обу ҳаво то лоиҳакашӣ ва истеҳсоли дигар компютерҳо истифода мешаванд.

Сохтори компютери фардӣ аз қисмҳои зерин иборат аст: монитор, протсессор, клавиатура, мушак, чопгар, камера.

Бо матн шинос шавед ва пас аз он аз чӣ гуна қисмҳо иборат будани компютерро гӯед.




Бо корбасти калимаҳои ифодакунандаи қисми компютер ва расму тасвирҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Сухани пурҳикматро мазмунан баён намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз Арастуи Ҳаким пурсиданд, ки қуввати хирад аз чист? Гуфт: “Ҳама касро қувват аз ғизо бошаду ғизои хирад ҳикмат бошад”.

## МАВЗӮИ 45. ИМКОНИЯТҲОИ КОМПЮТЕР (РОЁНА)

Компютер пеш аз ҳама як намуди мошин аст. Он бо дигар мошинҳои дар рӯзгори хонаю мактаб, нақлиёту истеҳсолот ва соҳаҳои мухталифи иқтисодиёту иҷтимоиёт истифодашаванда хеле монанд аст. Масалан, компютер низ чун дигар мошинҳо бо ёрии шабакаи барқӣ ё аккумулятор кор мекунад. Он низ аз якчанд қисмҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст ва барои иҷрои ягон мақсади муайян хизмат мерасонад.




Матнро хонед ва байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил намуда, фикратонро оид ба компютер ва имкониятҳои он баён кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Компютерҳои аввалин дар як сония метавонистанд садҳо ҳазор ададро бо ҳам ҷамъ созанд. Компютерҳои ҳозиразамон бошанд, метавонанд дар як сония миллиард ва аз он зиёдтар ададҳоро ҷамъ намоянд. Аслан, вақте сухан дар бораи зудкории компютер меравад ҳатто аз ченаки сония низ истифода намебаранд. Дар чунин мавридҳо аз ченакҳои микросония ё наносония истифода мебаранд.

Матнро хонед ва қисмҳои компютерро номбар кунед.

## Қисмҳои асосии компютери фардӣ 4-то мебошанд.

БЛОКИ СИСТЕМАВӢ

*Қисми асосӣ*

Ба он дигар таҷҳизот пайваст карда мешаванд. Масалан, монитор, принтер, мушак ва ғайра.

МОНИТОР

*Қисми асосӣ*

Барои хориҷ намудани иттилооти матнӣ ва графикӣ дар экрани худ хизмат мекунад.

КЛАВИАТУРА

*Қисми асосӣ*

Барои дохил намудани иттилооти матнӣ-рақамӣ ба хотираи компютери фардӣ хизмат мекунад.

МУШАК

*Қисми асосӣ*

Қисман вазифаи клавиатураро ба зиммаи худ мегирад. Барои осон ва тезтар кор кардани истифодабаранда дар компютер хизмат мерасонад.

Калимаҳои зеринро ду-се маротиба машқи талаффуз кунед ва пас аз он бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Монитор, протсессор, клавиатура, мушак, чопгар, камера.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮЪҲОИ 46–47. ЧОПГАР (ПРИНТЕР)



**Чопгар** *(принтер)* дастгоҳест, ки барои дар коғаз чоп намудани иттилоот хизмат мерасонад. Ба воситаи чопгар натанҳо иттилооти матнӣ, балки графикиро низ хориҷ намудан мумкин аст. Чопгарҳо низ ба мисли мониторҳо иттилооти тасвиршавандаро ҳам дар намуди ранга ва ҳам сиёҳу сафед хориҷ карда метавонанд. Чопгарҳои ранга аз чопгарҳои муқаррарӣ қиматтаранд. Чопгарҳо вобаста аз тарзи корашон матритсавӣ, рангпошанда ва лазерӣ мешаванд.

Матнро хонед ва маълумоти дар бораи кадом дастгоҳи техникӣ баёнгардидаро ба хотир оред.

## ТЕСТ

1. **Чопгар** (принтер) чӣ гуна дастгоҳи техникӣ ба шумор меравад?

а) дастгоҳи техникии коғазчопкун
б) дастгоҳи техникии нусхабардор
в) дастгоҳи техникии ҳуруфчин

2. Ҳаммаънои калимаи **“иттилоот”** дар кадом банд навишта шудааст?

а) хабар б) нусха в) нашр

Кадом дастгоҳи техникӣ вобаста аз тарзи корашон матритсавӣ, рангпошанда ва лазерӣ мешаванд?

а) монитор б) клавиатура в) чопгар

Ҳар се матни ба хелҳои чопгар (принтер) алоқамандро ба таври муқоиса хонед. Пас аз он доир ба ҳар як навъи чопгар (принтер) маълумот диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Чопгари матритсавӣ* солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта аз ҳама чопгари паҳнгаштатарин ба ҳисоб мерафт. Сифати чопи он нисбат ба чопгарҳои навъи дигар паст буда, ҳангоми чопкунӣ вай садои баланд мебарорад.




*Чопгари рангпошанда* ҳоло барои компютерҳои фардӣ намуди аз ҳама паҳнгаштатарин ба шумор меравад. Тавассути ин чопгар тасвири аломату расмҳо бо ёрии микроқатраҳои рангини махсус ташаккул меёбанд, ки онҳо ба воситаи найчаҳои борики дар қисми чопкунанда мустаҳкамкардашуда ба коғаз пошида мешаванд.

*Чопгарҳои лазерӣ* сифати аз ҳама баландтарини чопи ранга ва сиёҳу сафедро таъмин менамоянд. Сифати чопи ин чопгарҳо ба чопи типографӣ хеле наздик аст.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол”**-ро пайдо кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Матнро хонед ва пас аз он бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

## ФОТОКАМЕРА

Фотокамераи рақамӣ аз фотоаппарати муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки тасвир на дар фотоплёнка (методи кимиёӣ), балки дар микросхемаи хотираи он (методи рақамӣ) ба қайд гирифта мешавад.



## МАВЗӮЪҲОИ 48–49. ИСМ. САВОЛҲОИ ИСМ

Калимаҳое, ки номи одамон ва ашё (чизҳо)-ро мефаҳмонанд, ***исм*** номида мешаванд.

Ба исмҳо саволҳои **кӣ? (киҳо?), чӣ? (чиҳо?)** гузошта мешаванд.

Мисол: омӯзгор **(кӣ?)**, донишомӯзон **(киҳо?)**, дафтар **(чӣ?)**, китобҳо **(чиҳо?)**.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Расмро бодиққат аз назар гузаронед ва ба саволу супоришҳои поёнӣ ҷавоб диҳед.

1. Дар расм киро мебинед? Савол гузоред.
2. Предметҳои тасвирёфтаро номбар кунед.
3. Аз рӯйи расм фикратонро хаттӣ баён кунед.
4. Бо интихоб ва корбасти исмҳо матн тартиб диҳед.
5. Исм чист?
6. Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?




Бо саволгузорӣ исмҳои ифодакунандаи номи одамон ва ашёҳо, инчунин исмҳои шумораашон танҳову ҷамъ нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Номи одамон ба саволи **кӣ? (киҳо?)** ва дигар ашё (чизҳо) ба саволи **чӣ? (чиҳо?)** ҷавоб мешаванд.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо сухани пурҳикматеро пайдо кунед.



Дар алоҳидагӣ панҷтоӣ исмҳои ба саволҳои **кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?** ҷавобшаванда нависед.

## МАВЗӮИ 50. ИСМИ ХОС ВА ИМЛОИ ОН

Исмҳои ифодакунандаи ному насаби одамон, кишвар, деҳа, ноҳия, шаҳар, вилоят, рӯзнома, маҷалла, номи асарҳо исмҳои хос ба шумор мераванд.

Онҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

Номи вилоят ва шаҳарҳои кишвари Ӯзбекистонро номбар кунед. Пас аз он дар хусуси имлояшон ҳарф занед.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Фикр пояи ақл аст”**-ро пайдо кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАҶҲИЗОТИ ОБУ ҲАВОСАНҶ ВА МУАЙЯНКУНАНДАИ ҲОДИСОТИ ТАБИӢ

## МАВЗӮИ 51. ТАҶҲИЗОТИ ОБУ ҲАВОСАНҶ



Анемометр асбобест, ки суръати вазни шамолро чен мекунад. Имрӯзҳо ду навъи анемометрҳо бештар истифода мешаванд.



Барометр як воситаи обу ҳавосанҷест, ки барои чен кардани фишори ҳаво истифода бурда мешавад. Аз ду навъи асосии барометрҳо симоб ва анероид истифода мешаванд. Барометрҳои рақамӣ, ки ранспондерҳои барқӣ доранд, дар аксар истгоҳҳои расмии обу ҳаво истифода мешаванд.



Термометрҳое, ки барои чен кардани ҳарорати обу ҳаво истифода бурда мешавад.

Гигрометр асбобест, ки намӣ ё мундариҷаи ҳаворо чен мекунад. Гигрометрҳо дар ҳама намудҳо меоянд:





1. Гигрометрҳои шиддатнокии мӯй тағйирёбии дарозии мӯйи одам ё ҳайвонотро (ки ба оббозӣ наздикӣ доранд) ба тағйирёбии намӣ алоқаманд мекунанд.

2. Психрометрҳои сингӣ аз маҷмӯи ду ҳароратсанҷӣ истифода шуда, (яке хушк ва дигаре бо об) дар ҳаво парронида мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Албатта, чӣ тавре ки аксари асбобҳои муосири обу ҳавои имрӯза истифода мешаванд, гигрометрии рақамӣ бартарӣ дорад. Сенсорҳои электронии он мутаносибан ба сатҳи намӣ дар ҳаво тағйир меёбанд.

Матнҳои доир ба таҷҳизоти обу ҳавосанҷ алоқамандро хонед.

Доир ба ҳар як таҷҳизоти обу ҳавосанҷ маълумот диҳед.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.




Илова ба калимаи поёнӣ бо навиштани ном аз рӯйи расм номи таҷҳизоти обу ҳавосанҷро пайдо кунед.




Калимаҳои пешниҳодшударо бо аҳли синф машқи талаффуз кунед.
*Анемометр, барометр, анероид, ранспондер, гигрометр, психрометр, сенсор, электрон.*

Номи таҷҳизоти обу ҳавосанҷро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 52. ИСМҲОИ ТАНҲО ВА ҶАМЪ

Исмҳо танҳо ва ҷамъ мешаванд. Исми танҳо якто будани шахс ё ашёро мефаҳмонад. Исми ҷамъ бисёр будани шахс ё ашёро мефаҳмонад.

Ба расмҳо нигаред ва исмҳои танҳову ҷамъ тартиб диҳед.



| кӣ? | чӣ? | киҳо? | чиҳо? |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

**Суратмуаммо.** Аз рӯйи расм бо гузоштани сарҳарф ҷумлаи **“Ватан муқаддас аст”**-ро пайдо кунед.



Аз силсилаи мисолҳо исмҳои ҷамъро номбар кунед.

*Ҳароратсанҷ, ҳароратсанҷҳо, ҳаво, одамон, об, боришот, абрҳо, барф, ситораҳо, борон, шамол, кӯдакон, гармсел, заминларза, зилзила, донишомӯзон, шоирон, иштирокчиён, донишмандон.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# АЗ ГИРИФТОРИИ ҲАРГУНА БЕМОРИҲО ЭҲТИЁТКОР БУДАН

## МАВЗӮИ 53. ДУХТУРИ ДАНДОН



Дандонҳои шумо сап-сафед-ку? Барои чӣ модарам шуморо ба назди духтури дандон бурд?

– Ҳар шахс бояд соле як-ду маротиба дандонҳои худро ба духтури дандон нишон диҳад.

– Дандон дард накунад, ба духтур рафтан чӣ лозим?

– Лозим, Анӯшҷон. Духтур дандонҳоро муоина мекунад. Агар дар дандонҳо нуқсе ёбад, табобат мефармояд. Фаҳмидӣ?

– Бале.

– Ана ҳамин тавр, Анӯшҷон. Сиҳатии дандон бардамии инсон аст. Барои ҳамин мо бояд дандонҳоямонро тоза нигоҳ дорем.

*(Аз “Дандони ман сап-сафед”-и Наҷмиддин Салоҳиддинзода)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Бо назардошти мазмуни матн савол ва тест тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Сутуни дуюм ва сеюмро бо навиштани мисолҳо пурра намоед.

| Сабзавот ва меваҳо | Номи сабзавот ва меваҳо | Маза, таъм, ранг, шакли сабзавот ва меваҳо |
|---|---|---|
|  | | |
|  | | |
|  | | |

Бо тартиб додани матн дар хусуси одоби тоза нигоҳ доштани дандон фикратонро баён намоед.

## МАВЗӮИ 54. ЗУКОМ ВА ТАБОБАТИ ОН

Зуком ба таври ногаҳонӣ оғоз меёбад. Дар давоми чанд соат дар бемор табларза, сулфа (одатан хушк), дарди сар, дарди мушакҳо ва буғумҳо, заифӣ, дарди гулӯ ва оби бинӣ пайдо мешавад. Баъзе аз ин нишонаҳо шояд вуҷуд надошта бошанд, аммо табларзаи баланд пайдо мешавад. Ба ибораи дигар, агар шумо худро чанд рӯз бемор ҳис кунед ва баъд “афтед”, пас ин зуком не, балки сирояти шадиди вирусии респираторӣ, яъне дарди гулӯ мебошад.

Аксарияти одамон дар давоми як ҳафта бе табобат шифо меёбанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Матнро хонед ва дар хусуси пешгирӣ, инчунин табобати бемории зуком он чизе, ки медонед, гӯед.

## ТЕСТ

1. Баъзе шахсон ҳангоми мубодила ба ҷойи калимаи **“зуком”** интихобан кадом калимаро кор мефармоянд?

а) табу ларзиш б) грипп в) шамолкашӣ

2. Калимаи **“грипп”** ҳаммаънои кадом калима ба шумор меравад?

а) зуком б) тимоқ в) сармозанӣ

Бо корбасти калима ва ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Бемор, табларза, сулфа, зуком, дарди сар, дарди бугумҳо, дарди гулӯ, ҳарорати бадан, аксазанӣ, обравӣ аз бинӣ, дарди гӯш.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 55. СИФАТ. САВОЛҲОИ СИФАТ

Он ҳиссаи нутқе, ки аломати предметро ифода карда ба саволҳои **чӣ хел? чӣ гуна** ҷавоб мешавад, **сифат** ном дорад.

Хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Сифат чист?
2. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

Аз таркиби ҷумла калимаҳои ҳамчун сифат корбастшударо муайян кунед.

1. Мактаби мо зебо аст. 2. Зоғи доно об нӯшид. 3. Комила себи ширин хӯрд. 4. Дугонаам куртаи нав дорад. 5. Нонвой нони гарм пухт. 6. Ӯ аз девори баланд гузашт. 7. Донишомӯзи пешқадамро ҳама ҳурмат мекунад.

Ба ҷойи нуқтаҳо бо гузоштани сифатҳо ҷумлаҳои сутуни дуюмро дар шакли пурра хонед.

| **Ҷумлаҳо** | |
|---|---|
| Ин бино **баланд** аст. | Он бино аз ин ҳам... аст. |
| Сабоҳат духтарчаи **хурд** аст. | Фотима аз вай ... аст. |
| Оҳан **сахт** аст. | Пӯлод аз ин ҳам... |
| Ин шаҳр **обод** аст. | Он шаҳр аз ин ҳам... |
| Ин девор **паст** аст. | Он девор аз вай ҳам... |
| Гург ҳайвони **зӯр** аст. | Шер аз гург ҳам... |

Панҷтоӣ сифатҳои ба саволҳои **чӣ хел? чӣ гуна?** ҷавобшаванда нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ОМАД ФАСЛИ ЗИМИСТОН

## МАВЗӮИ 56. МАНЗАРАИ ЗИМИСТОН



Кӯҳу камар – сап-сафед,
Бораву ҷар – сап-сафед.

Роҳи гузар – сап-сафед,
Хонаву дар – сап-сафед.

Оби дарё дамида,
Дарахтон сар хамида.

Мусичаҳо бедонанд,
Бедон гунҷишкаконанд.

Ҳаво парво надорад,
Мебораду меборад…

Меборад шишапора,
Ё резаи ситора?

*Убайд Раҷаб*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Шоир чӣ гуна масканҳоро бо корбасти калимаи **“сап-сафед”** чун мусаввири моҳир тасвир кардааст?

Ҷиҳатҳои аз ҳам фарққунанда ва тобишҳои калимаҳои зеринро ёдрас намоед.

*Барфреза аз барф, барфтӯда аз барф, барфи лаклак аз барфреза*

Бо назардошти расму тасвирҳо оид ба фасли зимистон ва шукӯҳу шаҳомати он фикратонро баён намоед.

Шеърро аз ёд кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 57. БАРФ

Сино аз қар-қари зоғ бедор шуд. Чашмонашро молида-молида ба назди тиреза рафт. Ҳама ҷо сафед менамуд. Сино ин хел барфи баландро ҳаргиз надида буд.

– Ваҳ! – гуфт вай. – Акнун чӣ кор кунам? Ба кӯча ҳам баромада намешавад. То баҳор дар хона шинам?



Ин вақт падараш ба хона даромад. Вай хурсанд буд, аз осмон барф нею гӯё шакар боридааст! Вай Синоро дар пеши тиреза дида гуфт: – Барфи нав муборак, писарам! Ҳатто зоғ ҳам хурсандӣ дорад.

– Магар зоғ хурсанд аст? – бовар накард Сино.

– Албатта, хурсанд аст, – ҷавоб дод падар. – Ба ғайр аз бачаҳои тарсончак ҳама имрӯз хурсанданд.

Сино бори дигар ба беруну ба зоғ нигоҳ кард ва якбора аз тиреза дур шуду гуфт: – Додо, ман берун баромада барфбозӣ мекунам.

– Ана, ин гапи дигар, – хурсанд шуд падар ва таъкид кард: – Фақат аввал либоси гарматро пӯш...

*Азизи Азиз*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Барои боз ҳам беҳтар идрок намудани мазмуни матн байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил намоед.

Доир ба ҳар як расм матнҳои алоқаманд тартиб диҳед.

Ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаҳои зеринро гӯед.

*Сафед, баланд, хурсанд, тарсончак, нав, дур, гарм.*

## МАВЗӮИ 58. ҲИЛАИ РӮБОҲ

*(Афсонаи халқӣ)*

Рӯбоҳи фиребгаре буд. Дар фасли зимистон ин сӯ – он сӯ рафту хӯрок кофт, вале чизе пайдо накард. Ба хонаи одамон наздик шуда, мурғ дуздидан хост, ки сагҳои деҳа ӯро аккосзанон пеш карданд. Рӯзи дигар боз дар фикри хӯрок шуд. Намедонист, ки чӣ кор кунад. Рӯбоҳ худ ба худ гуфт: “Ман, ки фиребгарам, чаро аз фиреб кор нагирам?”

Дар болои пуштаи кӯтале, ки он ҷо барфҳо об шуда буданд, зоғҳои сиёҳу алои бисёр нишаста, зери нурҳои офтоб гарм мешуданд.

Рӯбоҳ ба пушта наздик шуду рӯйи сабзаҳо ғелид. Вай худро ба мурда андохт. Аз куҷое селаи зоғҳо парида омаданд. Рӯйи сабзаҳо гашта, дар офтоб гарм





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мешуданд. Қисме аз онҳо аз байни сабзаҳо кирм ё донае мекофт.

Чанд зоғ гумон карданд, ки рӯбоҳ мурдааст. Бинобар ин ҳам аз рӯбоҳ натарсида, ба вай тамоман наздик шуданд. Зоғи доное ба зоғҳои ҷавон гуфт:

– Наравед, рӯбоҳ зиндааст. Вай шуморо фиреб медиҳад.

Зоғҳои содда боз ҳам ба рӯбоҳ наздик мерафтанд.

Яке аз зоғҳо гуфт:

– Натарсон, ин кайҳо мурдааст. Нафас намекашад.

Ҳамон зоғ болои сари рӯбоҳ истода, хост, ки ба рӯяш нӯл занад. Рӯбоҳи маккор сар бардошту бо чолокӣ ҷаҳид ва зоғро газид. Зоғ байни панҷаву даҳони рӯбоҳ монд.

Ҳамаи зоғҳо аз тарс "қар-қар" гуён парида рафтанд.

Ҳилаи маккоронаи рӯбоҳ вайро аз гуруснагӣ наҷот дод.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ҳангоми саволу ҷавоб ҳаракату амалиёти рӯбоҳ ва зоғро дар алоҳидагӣ ба хотир оред.

Ба ҷойи хати рост пеш аз саволҳо калимаҳои мувофиқро ҷобаҷо гузоред ва мансуби кадом ҳиссаи нутқ буданашонро гӯед.

чӣ? чӣ хел?

Рӯбоҳ ______________________________

чӣ? чӣ хел?

Зоғ ______________________________

**Калимаҳо барои истифода:** *фиребгар, маккор, сиёҳу ало, донову ҷавон.*

Хониши афсонаи **"Ҳилаи рӯбоҳ".**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 59. СИФАТҲОИ МУҚОБИЛМАЪНО

Сифатҳои муқобилмаъно барои муқоиса ва муқобилгузории хусусияти предметҳо истифода карда мешавад.

Дар сутуни сеюм ба ҷойи нуқтаҳо бо гузоштани сифатҳои муқобилмаъно ба саволҳо ҷавоб диҳед.

| Мисол | Савол | Ҷавоби саволҳо |
|---|---|---|
| Пиёз тунд аст? | Помидор-чӣ? | ... |
| Намак шӯр аст? | Шакар-чӣ? | ... |
| Фил ҳайвони калон аст. | Муш-чӣ? | ... |
| Ангишт сиёҳ аст? | Барф-чӣ? | Барф сафед аст. |
| Дарё калон аст. | Ҷӯй-чӣ? | ... |
| Асал ширин аст. | Қаламфур-чӣ? | ... |
| Шер ҳайвони ваҳшӣ аст. | Саг-чӣ? | ... |

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи предметҳо зарбулмасали **“Дониш чароғи ақл аст”**-ро пайдо кунед.




Бо корбасти сифатҳои муқобилмаъно ибораҳо тартиб диҳед.

| Сифатҳои муқобилмаъно | |
|---|---|
| сафед | сиёҳ |
| баланд | паст |
| дур | наздик |
| васеъ | танг |
| равшан | торик |
| талх | ширин |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба расм сарлавҳа интихоб кунед ва пас аз он матн тартиб диҳед. Аз ҳиссаҳои нутқ исм ва сифатҳоро дар алоҳидагӣ номбар кунед.



## МАВЗӮИ 60. ТАКРОР ВА МУСТАҲКАМКУНӢ

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Бо назардошти мазмуни матн саволу супоришҳо тартиб диҳед.

Исм ва сифатҳои таркиби матнро муайян намоед ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро гӯед.

Дар хусуси имлои исмҳои хос он чизе медонед гӯед.

Аз рӯйи расм фикратонро пайдарпай баён намоед.

### АЛОЯК

Дар зодрӯзаш ба Давлат падараш як сагчаи хушрӯяки бозингар тӯҳфа намуд. Азбаски сафеду ҷо-ҷо ранги сиёҳ дошт, Давлат сагчаро лояк ном гузошт. Чашмакони сагча гӯё ҳамеша ба рӯйи кас механдиданд. Давлату Алояк бо ҳам зуд унс гирифтанд. Доимо якҷоя бозӣ мекарданд. Танҳо вақти хоб аз ҳам ҷудо буданд: Давлат – дар хонаи хоби худ, Алояк – дар таги тирезаи ӯ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Вақте Давлат ба боғча мерафт, Алояк дар сояи ангур чашм сӯйи дарвоза омадани ӯро интизор мешуд. Гарчанде дар ҳавлӣ бародарони Давлат ҳам буданд, вале Алояк бо онҳо бозӣ намекард.

Алояк зуд калон мешуд ва акнун баъзан то беруни ҳавлӣ ҳам мебаромад. Давлат бегоҳиҳо ӯро ба кӯча ё соҳили дарё мебурд.



Рафта-рафта Алояк Давлатро то боғча ҳамроҳӣ мекардагӣ шуд. Ҳар бегоҳ Алояк назди дари боғча ӯро интизор мешуд.

Онҳо раҳорах бозикунон ба хона бармегаштанд.

Як рӯзи офтобии тобистон Давлату Алояк ба лаби дарё омаданд. Бачаҳо дар дарё оббозӣ мекарданд. Давлат ҳам бисёр мехост оббозӣ кунад, аммо шино карда наметавонист. Дар сояи дарахте бо шавқ ба шиноварии бачаҳо нигоҳ мекард.

– Салом, Давлат.

– Салом, – гуфт Давлат ва Карими ҳамсояашонро шинохт.

– Оббозӣ кардан мехоҳӣ? – пурсид Карим.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



– Бале, мехоҳам, аммо ман шино карда наметавонам.

– Ман ҳам наметавонам. Биё, ҳамроҳ ба об медароем ва дар ҷойи на он қадар чуқури дарё оббозӣ мекунем, – пешниҳод кард Карим.

– Боз ғарқ нашавем? – гуфт Давлат.

– Натарс. Биё, дасти ҳамдигарро дошта ба об медароем, – гуфт Карим.

Онҳо либосҳояшонро кашида даруни об даромаданд.

Давлат гарчанде дар дил тарсу ҳарос дошт, лекин аз ҷуръати худ хурсанд буд...





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ногоҳ пойи Карим ба санге бархӯрду афтид. Дасташ ҳам аз дасти Давлат раҳо шуд. Дар як муддати кӯтоҳ об Каримро ба маҷрои худ бурд. Вай ғарқ мешуд. Дасту по мезад, аммо аз об баромада наметавонист.

Давлат ин ҳодисаро дида, бо тамоми овозаш дод зад:

– Ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед! Карим ғарқ шуд.

Ҳама ба сӯйи овоз давиданд.

Карим дасту позанон сар аз об берун мекард. Мадораш намонда буд. Овоз баровarda наметавонист.

Алояк инро дида, худро зуд ба об партофт. Шинокунон назди Карим рафт ва аз дасташ дошта ӯро ба соҳил баровард.

*(Аз "Алояк"-и Гулнисо Ризвоншоева)*

## МАВЗӮЪҲОИ 61–62. КОРИ НАЗОРАТӢ ВА ТАҲЛИЛИ ОН

### Нафиса

Нафиса пеш аз субҳ бедор шуд. Дилашро ваҳм зер мекард. Аз тарс укаашро сахт оғӯш мекарду боз ба равшании тиреза менигарист. Намедонист, ки дар берун барф борида истодааст, ё ки абр поин фаромада, рӯйи оинаро пӯшонидааст. Ба ҳар ҳол, равшании тиреза ӯро каме ором менамуд.

### Бародари рассомаш

Дасташ ба дасташ нарасида ба кор шурӯъ намуд. Додарчааш зеҳн монда меистод. Бо нӯги қалами бародараш иморатҳои бисёрошёна сохта мешуданд. Баъд вай ба гулҳои рӯйи ҳавлӣ, ниҳолҳо, куртаҳои дар тор овезон, айвон, болохона, ба дудбарои бом, ба ҳама чизҳои дар атрофаш буда як-як назар афканд. Бо гузаштани андак вақт бародари рассомаш расми ҳамаи ҳамон чизҳоро кашид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ III. КОМИЛҲУҚУҚИИ ИНСОН

## ҲУҚУҚИ БАЧАГОН

## МАВЗӮИ 63. ҲУҚУҚҲОИ ХУРДСОЛОН



1. Ту ҳуқуқ дорӣ, ки ном дошта бошӣ ва шаҳрванд бошӣ.
2. Ту ҳуқуқ дорӣ падару модари худро донӣ.
3. Ту ҳуқуқ дорӣ бо оилаи худ зиндагонӣ кунӣ.
4. Ту ҳуқуқи зиндагӣ ва инкишофи солимонаро дорӣ.



Бо маълумот шинос шавед ва ба чӣ гуна ҳуқуқҳо соҳиб будани хурдсолонро гӯед.

Ҳар як инсон аз рӯзи таваллуд шудан, ба ҳуқуқ ва озодиҳои гуногун соҳиб мешавад. Кӯдаки навзод барои зиндагӣ намудан, аз шифокорон парвариш гирифтан, муҳофизат аз одамони бешафқат барин даҳҳо ҳуқуқҳо доранд. Дар баробари калон шудани бачагон ҳуқуқҳои онҳо низ зиёд мешаванд.

Дар ҳар як давлат ҳуқуқҳои инсон бо қонун ҳимоя карда мешавад. Ҳамаи одамони дунё аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробаранд.

Шаҳрвандони кишвари Ӯзбекистон қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон ва динашон назди қонун баробарҳуқуқанд.



Матнро хонед ва ҳар як ҷумларо дар алоҳидагӣ шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| Ҳ | Ӯ | Ҳ |
| У | Қ | Д |
| Қ | У | А |

| | | |
|---|---|---|
| Ҳ | Ш | Т |
| А | О | А |
| Қ | Д | Н |

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Зери суханони “ҳуқуқ ва комилҳуқуқии инсон” чӣ дар назар дошта шудааст?
2. Комилҳуқуқии инсонҳо аз кадом давр оғоз ёфта, он минбаъд идома меёфтааст?
3. Дар ҳар як давлат ҳуқуқҳои инсон бо чӣ гуна ҳуҷҷат ҳимоя карда мешавад?
4. Дар кадом кишвар инсонҳо қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон ва динашон назди қонун баробарҳуқуқанд?

Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Ҳуқуқ, кӯдак, аз рӯзи таваллуд, оила, ном, падар, модар.*

## МАВЗӮИ 64. ҚОНУНИ АСОСИИ ДАВЛАТИ МО

Қонуни асосии давлати мо Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Конститутсия ҳуҷҷати махсус буда, асоси тамоми қонунҳои давлати мо мебошад. Конститутсияи мо аз 6 қисм, 26 боб ва 128 модда иборат аст.

Калимаи **“қонун”**-ро бо ду маъно истифода бурдан мумкин аст. Маънои аввалини он тартиби дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

табиатбударо мефаҳмонад. Масалан, мафҳуме бо номи **“қонуни физикӣ”** мавҷуд аст. Ҳамаи воқеаҳои дар олам рухдиҳанда ба ягон қонуне тобеъ аст. Дар маънои дуюм бошад, **“қонун”** маънои ҳуҷҷати ҳуқуқиро дорад. Ҳуҷҷате, ки муносибатҳои инсониро ба тартиб медарорад.




Бо матн шинос шавед ва пас аз он байни гурӯҳҳо лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Ҷумлаҳоро бо хушзеҳнӣ ва мушоҳидакорӣ хонед. Пас аз он доир ба чӣ гуна ҳуқуқҳо соҳиб будани хурдсолон маълумот диҳед.

1. Ту ҳуқуқ дорӣ истироҳат кунӣ, бозӣ кунӣ ва бо санъат машғул шавӣ.
2. Ту ҳуқуқ дорӣ аз фарҳанги худ, забони модарии худ истифода барӣ.
3. Ту ба хизматрасонии тиббии сифатнок ҳуқуқ дорӣ.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Сарқонун, қонун, боб, қисм, модда, ҳуқуқ, комилҳуқуқӣ.*

## МАВЗӮИ 65. ХУД ВА ДӮСТОНАТРО МУҲОФИЗАТ НАМО!



Қонуни ҳар як давлат дар ҳудуди ҳамон давлат амал мекунад. Қонунҳои давлатҳо аз ҳамдигар фарқ карданашон мумкин. Ҳеҷ кас барои вайрон кардани қонун ҳақ надорад. Вайронкунандагони қонун, албатта, ҷазо мегиранд.

Агар аҳолии кадом давлат ба қонунҳо итоат кунанд, давлат ҳамон қадар инкишоф меёбад ва мардуми он бойу осудаҳолона зиндагӣ мекунанд.

Агар қонунҳо набошад, ба дунё ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш содир мешавад. Зеро тамоми ҳаёти одамон аз қонунҳо вобаста аст. Масалан, дар қонун гуфта мешавад, ки вақте шумо таваллуд мешавед, волидонатон ба шумо ном гузошта, то калон шуданатон бояд ғамхорӣ кунанд.

Матнро хонед ва фикру мулоҳизаатонро баён намоед.

Бо назардошти мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.

Аз рӯйи расм фикратонро шифоҳӣ ва хаттӣ баён кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮЪҲОИ 66–67. КАФОЛАТИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКОН

Хонед ва доир ба ҳуқуқи зисти кӯдакон ҳарф занед.

**Ҳуқуқи зистан**

Ҳар як бача ба ҳуқуқи зистан соҳиб аст. Ба ҳаёти хурдсолон зарар расонидан ҷинояти аз ҳама вазнин аст.



Маълумоти зеринро шарҳ диҳед.

**Ҳуқуқи баробарӣ**

Бачагон сарфи назар аз кӣ будани падару модарашон дар назди қонун баробаранд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бачаҳо дар ҷодаи донишандӯзӣ чӣ гуна ҳуқуқро соҳибанд?

## Ҳуқуқи дониш омӯхтан

Ҳар як бача дар мактаб ҳуқуқи таълими ибтидоӣ гирифтанро дорад.




Хурдсолон чун аъзои оила соҳиби чӣ гуна ҳуқуқанд?

## Ҳуқуқи дар оила тарбия гирифтан

Ҳар як бача ба ҳуқуқи дар оила зистан, тарбияи падару модарро гирифтан ва дар зери ғамхории онҳо будан соҳиб аст.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҳуқуқи бачаҳои имконияташон маҳдуд

Бачагони ногирон ва имконияташон маҳдуд ҳеҷ гоҳ таҳқир карда намешаванд, онҳо ҳам мисли бачагони дигар баробарҳуқуқ мебошанд.



Бачаҳои имконияташон маҳдуд соҳиби чӣ гуна ҳуқуқанд?

## Ҳуқуқи касб интихоб кардан

Ҳар як кӯдак дар интихоби касб озод аст.




Дар хусуси касби дӯстдошта маълумот диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ӮҲДАДОРӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

## МАВЗӮЪҲОИ 68–69. ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Тарбияи оилавӣ кори муҳим буда, аз волидайн ҷиддият ва масъулияти баландро талаб мекунад. Вазифаи падару модар, ки дар тарбияи фарзанд баробар масъуланд, ба воя расонидани фарзандони дорои ахлоқи накӯ ва ба ҷомеа нафърасон мебошад.




Матнро хонед ва фикру мулоҳизаатонро баён кунед.


Бо кӯмаки омӯзгор калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед.


Падару модар дар тарбияи фарзанд чӣ гуна масъулиятро дар ӯҳда доранд? Ба ҷадвал назар кунед, масъулият ва ӯҳдадориҳоро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Шаш маслиҳати олимон дар бораи тарбияи фарзанд



| | |
|---|---|
| 1. | Ба бачагон таълим диҳед, ки ҳиссиёти худро идора кунанд. |
| 2. | Бо бачагон дар бораи ахлоқ, масъулият ва нақши онҳо дар гурӯҳ ва ҷомеа сӯҳбат кунед. |
| 3. | Ҷаҳонбинии фарзанди худро инкишоф ва такмил диҳед. |
| 4. | Дар хона миннатдорӣ зоҳир кунед. |
| 5. | Стандартҳои ахлоқиро муқаррар ва риоя кунед. |
| 6. | Бо фарзандони худ вақт ҷудо кунед, то онҳоро хубтар бифаҳмед. |

Чистонҳоро хонед ва ҷавобашро гӯед. Сифатҳояшро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Кабуд меандозем,
Зард мекашем.



Дар гармиву дар сармо,
Пӯстин накашад асло.



Хонед ва шарҳ диҳед.

1. Падару модар, ҳарду ӯҳдадори тарбия ва инкишофи ту мебошанд.
2. Ҳангоми қабул кардани ягон қарор, калонсолон бояд манфиати беҳтарини туро ба назар гиранд.
3. Ту ҳуқуқ дорӣ бо падару модари худ зиндагӣ кунӣ, новобаста аз оне, ки дар кадом давлат онҳо мебошанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮЪҲОИ 70–71. АДАБ БО ПАДАРУ МОДАР



Агар пурсанд, ки адаб бо падару модар кадом аст, бигӯй:

– ҳурмати ононро ҳамеша нигоҳ дорад;

– барои моли дунё ва чизу чора нисбати онҳо сахтӣ накунад;

– барои ҳурмат ва хизмате, ки бо падару модар мекунад, миннат накунад;

– ба рӯйи эшон сахт нанигарад;

– чун бихонандаш, зуд ҳозир шавад;

– дар вақти сӯҳбати эшон рӯй турш накунад;

– ҳар чӣ фармоянд, агар дар он гуноҳе набошад, ба ҷой орад;

– дар сухан гуфтан бо эшон ё бо дигаре дар назди онҳо овоз баланд накунад;

– бе маслиҳати падару модар ба сафар наравад;

– барои хурсандии онҳо бикӯшад;

– падару модарро чун саҷдагоҳ бидонад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*



Матнро хонед ва фикру мулоҳизаатонро пайдарпай баён кунед.



Ҷумлаҳоро хонед ва ҳуқуқҳоятонро ёдрас намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



1. Ту ҳуқуқ дорӣ, то маҳорат ва малакаҳои худро инкишоф диҳӣ.

2. Ту ҳуқуқ дорӣ маълумоти манфиатбахшро дастрас намоӣ ва калонсолон бояд ин маълумотро барои ту ба шакли фаҳмо пешкаш намоянд.

3. Ту ба зиндагонии сазовор ҳуқуқ дорӣ.

4. Ту ҳуқуқ дорӣ, то аз зӯроварӣ ҳимоя шавӣ.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| М | Л | И | Н | У | Б |
| А | У | Я | И | Ҳ | И |
| С | Ъ | Т | Г | О | Н |

Ҷумлаи зеринро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

Падару модар бояд мувозинати адолатро дар оила, миёни фарзандон дар ҳама маврид нигоҳ доранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 72. ИМЛОИ СИФАТ

Пешвандҳои сифатсози **ба-, бар-, бе-, бо-, но-, то-** бо сифатҳои пас аз худ омада якҷоя навишта мешаванд.

**Мисол:** бомаърифат, бофаросат, бомаслиҳат, баркамол, бебунёд, бамеҳр, ноором, ношинос, тоалифбо.

Бо интихоби сифатҳо ва корбасти пешвандҳои сифатсози **ба-, бар-, бе-, бо-, но-, то-** якчанд мисолҳо нависед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро гӯед. Сифатҳояшро номбар кунед.

Хонаи торик,
Дудаки борик. (равомаС)



Бо қоидаҳои имлоӣ шинос шавед ва даҳто сифатҳои таъкидии ифодакунандаи рангу аломатҳо нависед.

Сифатҳои таъкидии ифодакунандаи рангу аломат бо нимтире навишта мешаванд.

Монанди: *заб-зард, каб-кабуд, сап-сафед, тип-торик*.

Чистонро хонед ва ба ҷойи нуқта бо гузоштани садонокҳои **ӯ** ва **и** ҷавобашро муайян намоед. Пас аз он сифатҳояшро номбар кунед.

Аз одам баланд,
Аз мурғ паст.



Ба ҳар як қоидаҳои имлоии сифат панҷтоӣ мисол нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САРПАРАСТӢ ВА ҒАМХОРИИ ВАТАН БА ШАҲРВАНДОН

## МАВЗӮИ 73. ДАР КАНОРИ ВАТАН

Осмони баланд –
Софу партавфишон,
Бар дили мо писанд –
Ин замин, ин замон.

Тобиши офтоб –
Созу форам ба ҷон,
Пурсафо беҳисоб –
Ин замин, ин замон.

Даври мо – безавол,
Бахти хуш – ҷовидон,
Дод бар мо камол
Ин замин, ин замон.

Дар канори Ватан
Мо ҳама – шодмон,
Зеби кору сухан –
Ин замин, ин замон!

*Муҳиддин Фарҳат*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Сифатҳои таркиби шеърро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Мафҳуми **“Ватан”**-ро дар асоси нақшаи поёнӣ шарҳ диҳед.

**ВАТАН**

- ... аз остона сар мешавад.
- ... дуввумин модар аст.
- ?
- Дӯст доштани ... аз имон аст.
- Булбул чаманро, одам ...-ро дӯст медорад.

Дар асоси панду андарзи бузургон хулосаҳоятонро баён намоед.

Барои мо падару модар, фарзанд, хешону наздикон азизанд, вале ҳамаи тасаввуротамон дар боби



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

меҳру муҳаббат дар як калима – Ватан муҷассам аст. Агар ба Ватан нафъаш мерасида бошад, барои он кадом инсони бовиҷдон ҷон фидо кардан намехоҳад.

*Ситсерон*

Шеърро аз ёд кунед.

## МАВЗӮЪҲОИ 74–75. ФАРЗАНДИ ВАТАН

... Солҳо гузаштанд. Мактаби миёнаро хатм карда, ба аскарӣ рафтам. Рӯзи гусел падарам гуфт:

– Ту то имрӯз фарзанди ман будӣ, акнун фарзанди Ватан мешавӣ. Фарзанди Ватан будан осон нест, барои Ватан фарзанди ҳақиқӣ даркор аст. Ҳушёр бош!

Падарам инро гуфта, маро дуо дод ва мо хайрухуш кардем.

Дар аскарӣ дуруст будани суханони падарам ба зудӣ исбот шуд. Тақрибан пас аз як моҳи хизмат қумондон аскарони навомадаро ба гурӯҳҳо тақсим кард. Мо дар машқгоҳи қисми ҳарбӣ саф оростем.

– Аскари қаторӣ Азимов! – хитоб кард қумондон.

– Ман! – як қадам пеш баромадам дарҳол.

– Ба гурӯҳи якум ту сардор мешавӣ! – амр кард қумондон.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ман ҳаргиз, дар ҳеҷ куҷо ва ба ҳеҷ кас сардор нашуда будам. Аз ин рӯ ба ҳаяҷон омада, даступо хӯрдам ва гуфтам:

– Рафиқ қумондон, ин кори душвор аст. Ман аз ӯҳдааш намебароям.

Қумондон ранҷидахотир, вале қатъитар амр кард:

– Аскари қатори Азимов!

– Ман!

– Се қадам ба пеш!

– Итоат! – се қадам пештар баромадам.

– Дар аскарӣ сухани **“Не! Наметавонам! Намедонам!”** вуҷуд надорад, – гуфт қумондон. – Натавонӣ, ёрӣ медиҳем, надонӣ, ёд медиҳем, нахоҳӣ, маҷбур мекунем!

– Итоат! – хитоб кардам ман.

Ҳамоно суханони падарам ба хотирам расиданд, ки рӯзи гусел гуфта буд: **“Барои Ватан фарзанди ҳақиқӣ даркор аст...”** Фарзанде, ки мехоҳад, метавонад ва медонад!

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аломати китобатии пеш ва пас аз ҷумлаҳо корбастшударо номбар кунед.

Феълҳои таркиби матнро бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

Бо назардошти мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.

Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Шаш шаст – сесаду шаст,
Сесаду шаст – шаш шаст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 76. ШУМОРА. САВОЛҲОИ ШУМОРА

Он ҳиссаи нутқ, ки адад, миқдори предметҳоро ва дар вақти шумурдан тартиби онҳоро ифода менамоянд, **шумора** номида мешавад.

Шумора ба саволҳои **чанд? чӣ қадар? чандто? чандум?** ҷавоб мешавад.

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Шумора чист?
2. Шумора ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?



Сими барқ аз сутун канда шуда, ба замин афтидааст. Наргис аз телефон ба рақами **“104”** занг зад. Асрор роҳгузаронро огоҳ кард.

Хонед ва шумораи таркиби матнро номбар кунед. Ба кадом мошин занг задани Наргисро гӯед.

Аз рӯйи расм бо интихоб ва корбасти шумораҳо матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## АЗ НАКӮКОРОН НАКӮЙ БИОМӮЗ!

## МАВЗӮИ 77. ЯК ОЛАМ АМАЛИ НЕК

Ниҳолаке шикастааст. Асрор ва Наргис ниҳолакро бардошта, ҷойи шикастаро бо коғаз ширеш печонданд.



Бачае афтидааст. Асрор ва Наргис ба ӯ барои хестан ёрӣ расонданд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷумаки об кушода шудааст. Наргис онро маҳкам кард.



Аз рӯйи расм ва матнҳои хондаатон амалҳои накӯ ва накӯкориашонро ёдрас намоед.

Оё Шумо ҳам некӣ карда метавонед? Пас он чӣ гуна амалҳои некист?

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Некӣ кун, номат дар ҷаҳон монад”**-ро пайдо кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 78. САЗОИ ХУБӢ

Чӯпоне мореро аз миёни буттаҳои оташ гирифта наҷот дод ва дар хӯрҷин гузошта, ба роҳ афтод.

Чанд қадам гузошта буд, ки мор аз хӯрҷин берун омаду гуфт:

– Ба гарданат бизанам ё ба лабат?

Чӯпон гуфт:

– Оё сазои хубӣ ин аст?



Мор гуфт:

– Сазои хубӣ бадӣ аст!...

Ва қарор шуд, то аз касе бипурсанд. Ба рӯбоҳе расиданду аз ӯ чораи корро пурсиданд.

Рӯбоҳ гуфт:

– Ман то сурати воқеаро набинам, наметавонам ҳукм кунам.

Баргаштаву морро даруни буттаҳои оташ андохтанд, мор ба истимдод баромад (мадад хост) ва рӯбоҳ гуфт:

– Бимон то расми хубӣ аз ҷаҳон барафканда нашавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

На бояд мисли чӯпон хуби хуб буд. На мисли мор бад буд.

Бояд мисли рӯбоҳ буд ва донист чӣ касе арзиши хубӣ кардан дорад. *(Аз “Ривоятҳои халқӣ”)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Бо назардошти мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.

Аз донишманде пурсиданд: – Хислати беҳтарини инсон дар чист?

Гуфт: – **“Пиндори нек, рафтори нек, гуфтори нек”.**

Хислати беҳтарини инсон

Пиндори нек | Рафтори нек | Гуфтори нек

Матнро хонед ва мафҳумҳои **“пиндори нек”**, **“рафтори нек”**, **“гуфтори нек”**-ро бо далелу мисолҳо исбот намоед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Сар-сари ёла,
Рӯдааш кашола.



Хониши матни **“Сазои хубӣ”** ва нақли мазмуни он.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 79. ШУМОРАҲОИ МИҚДОРӢ ВА ТАРТИБӢ

Шумораҳо аз ҷиҳати маъно ва аломатҳои дастуриашон ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: шумораҳои миқдорӣ ва шумораҳои тартибӣ.

Шумораҳои таркиби матнро муайян кунед.

Вазни миёнаи филҳо 5 тонна, баландиашон 3 метр, дили онҳо то 12 килограмм мешавад. Дар як дақиқа фил 12 маротиба нафас кашида мебарорад. Дар 18 соат 360 килограмм озуқа истеъмол менамояд. Дар як шабонарӯз то 90 литр об менӯшад.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед. Шумораҳои таркиби онро номбар кунед.

Як хонаи танида,
Ӯро ҳама харида.



**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Я | А | Ш | | Д | О | Р |
| К | Ш | У | | У | Ч | У |
| У | М | М | | Ю | М | М |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 80. ТАКРОР ВА МУСТАҲКАМКУНӢ

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Дар замоне марде се писар дошт. Писарҳо – ҳар се соҳиби ақли солим будаанд. Падар ҷасорати писарҳоро санҷиданӣ мешавад. Вай ба писарҳо мегӯяд:

– Писарҳо, ҳар се ба сафар бароед, ба одамҳо фақат некӣ кунед, аз сафар баргашта оед, аз ман мукофот мегиред?!

Писарҳо баробар ба сафар мебароянд. Аз байн як моҳ мегузарад. Бародарҳо аз сафар бармегарданд.

Падар аз фарзанди калонӣ мепурсад:

– Бигӯ, ту ба мардум чӣ мӯъҷиза нишон додӣ?

Писар мегӯяд:

– Ба деҳае даромадам, ҳавлие оташ гирифтааст. Ёрӣ расондам, оташ пасанда шуд.

Падар чизе намегӯяд. Вай аз писари дуюм мепурсад:

–Ту чӣ каромат нишон додӣ?

Писар мегӯяд:

– Роҳ рафта истода будам, ногоҳ дидам, ки кӯдаке ба об ғарқ шуда истодааст, зуд рафта ҳамон кӯдакро аз ғарқшавӣ халос кардам.

Падар чизе намегӯяд. Вай ба фарзанди хурдӣ менигарад.

– Дар бешазор давр мезадам. Ногоҳ як модагурге пайдо шуда ба ман дарафтод. Бо гург афтударафт кардам, ниҳоят болои гург савор шудам, хостам ӯро нобуд кунам, ин дам дидам, ки гургбачаи ширмак ғалтону хезон сӯйи модагург омада истодаанд. Фаҳмидам, ки онҳо гурусна монда сӯйи очаи худ омада истодаанд. Аз рӯйи раҳму шафқат модагургро ба ихтиёраш гузоштам, вай тозон рафта ба бачаҳояш ғизо дод.

Падар ба писарҳои калонӣ рӯ овард:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Писаронам, шумоён некӣ не, фақат вазифаи худро ба ҷо овардаед, аммо додари шумо дар ҳақиқат кори нек кардааст. Вай ба дарранда – душмани инсон некӣ карда ба фарзандҳояш раҳмдилӣ кардааст. Дар ин бора зарбулмасале ҳаст: **“Душманро бо шакар куш!”, “Некӣ куну ба дарё парто!”**...

*(Аз китоби “Кӣ будаму кӣ шудам»-и Х. Саидзода)*

Бо назардошти мазмуни матн саволу супоришҳо тартиб диҳед.

## МАВЗӮЪҲОИ 81–82. КОРИ НАЗОРАТӢ ВА ТАҲЛИЛИ ОН

Аз рӯйи расм иншо нависед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ IV. САНЪАТ ВА МАДАНИЯТ

## САНЪАТИ МЕЪМОРӢ

### МАВЗӮИ 83. САНЪАТИ МЕЪМОРӢ

Меъморӣ яке аз қадимтарин навъҳои санъат буда, аз оғози фаъолияти хонасозии инсон ибтидо гирифтааст. Ин санъат лоиҳакашию тарҳрезӣ, сохтмони биноҳо, иншооти гуногун, маҷмӯаҳо, ансамблҳои меъмориро дар бар мегирад. Инсоният дар рафти инкишофи таърихии худ аз паноҳгоҳ, чайлаву каппаву коза ва кулбаҳои лойиву сангӣ сар карда, то биноҳову иншооти ҳайратовари замонавӣ меъмориро дар тарзу услубҳои гуногун тараққӣ додааст.

Бинокорӣ дар ҳар давру замону макон вобаста ба таъйинот, маводи сохтмон, имкониятҳои техникӣ ва завқу салиқаи ҷомеа тағйир ёфтаву инкишоф мекунад. Дар саросари ҷаҳон биноҳову иншооте сохта шудаанд, ки бо зебоиву ҳашамат, арзиши эстетикиашон рамзи давлатҳо гаштаанд.

*(Аз китоби “Санъат”)*




Матнро хонед ва пас аз он дар бораи санъати меъморӣ маълумот диҳед.

Калимаҳои хоси санъати меъмориро номбар кунед, ичунин ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб буданашонро гӯед.

Бо корбасти калима ва ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Пасвандҳои шумораи тартибӣ **-ум (-юм), -умин (-юмин)** бо шумораҳои содда ва ҷузъи охири шумораҳои таркибӣ якҷо навишта мешаванд.

Мисол: сеюм, сеюмин, панҷум, панҷумин, даҳум, даҳумин, шасту сеюмин, як ҳазору як саду панҷоҳумин ...

Бо иловаи пасвандҳои **-ум (-юм), -умин (-юмин)** ба шумораи тартибӣ якчанд мисол нависед.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| М | А | Н |
| Ъ | Е | М |
| М | О | Р |

| | | |
|---|---|---|
| Л | О | И |
| К | А | Ҳ |
| А | Ш | Й |

Луғатҳоро бо шарҳ ба дафтар рӯбардор кунед.

1. **Меъмор** – созандаи иморат, устои бинокор.
2. **Тарҳ** – нақшаи аввалини чизе масалан, сохтмон; лоиҳа, нақша.
3. **Фарҳанг** – маҷмӯи дастовардҳои инсоният дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва ахлоқӣ, маданият; илм, маърифат.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Чор по дар зери як бом,
Болои бом чӣ ором.
Одамон дар даври бом,
Гирд оянд ҳангоми шом.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 84. БИНОҲОИ МӮҲТАШАМИ МЕЪМОРИИ ШАҲРИ ТОШКАНД

Дар шаҳри Тошканд биноҳои мӯҳташами давлатӣ ва ҷамъиятиву фарҳангӣ ба монанди бинои “Олий Мажлис”-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон, театри давлатии академии опера ва балети Ӯзбекистон, қасри дӯстии халқҳо, театри давлатии мусиқавии ба номи Муқимӣ ва ғайра мавҷуданд.

Дар даврони истиқлол дар Тошканд биноҳои замонавии китобхонаи миллии ба номи Алишер Навоӣ, осорхонаи миллии Ӯзбекистон, маркази ҷавонон ва боз як қатор иншоотҳои замонавӣ сохта шудаанд, ки ҳусну шукӯҳ ва зебоии шаҳрро дучанд афзуданд.



Матнро хонед ва маълумоти пешниҳодшударо мазмунан нақл кунед.

Аз таркиби матн исмҳои хосро муайян намуда, бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

Доир ба чанде аз биноҳои мӯҳташами меъмории шаҳру деҳаатон маълумот диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Матни **“Биноҳои мӯҳташами меъмории шаҳри Тошканд”**-ро хонед ва пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 85. АНСАМБЛИ МЕЪМОРӢ ЧИСТ?

Якҷоягиву якоҳангӣ ва мутаносибии маҷмӯи биноҳо, иншооти муҳандисӣ, тасвироти монументалӣ, муҷассамаҳо ва гулгаштҳо ансамбли меъморӣ ном дорад.

Ансамбли меъморӣ якбора аз рӯйи нақшаи ягонаву услуби хос ва ё дар муддати дароз, бо роҳи илова кардани биною иншооти нави услуби дигар ба маҷмӯи биноҳои аввала шакл мегиранд.

Дар Осиёи Марказӣ ансамблҳои меъморӣ аз асрҳои 11–12 сар карда, қариб дар ҳамаи шаҳрҳо пайдо шуданд. Ансамблҳои меъмории Регистон ва Шоҳи Зинда дар Самарқанд, ансамбли меъмории Ҳисор аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

*(Аз китоби “Санъат”)*

Матнро хонед ва маълумоти дар бораи чӣ гуна санъати меъморӣ баёнгардидаро ба хотир оред.

Калимаҳои зеринро машқи талаффуз кунед.
*Ансамбл, иншоот, монументалӣ, муҷассама, меъмор.*

Шумораҳои таркиби матнро муайян кунед ва саволҳои мувофиқ гузоред.

Шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нӯҳсад якҷо навишта мешаванд. Мисол: *дувоздаҳ, сездаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ, сесад, шашсад ...*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо риояи талаботи қоидаи имлоӣ шумораҳои аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нӯҳсадро бо ҳарф нависед.

Аз рӯйи расм ва ҳиҷо калимаи ифодакунандаи яке аз касбҳоро пайдо кунед.




## МАВЗӮЪҲОИ 86–87. МЕЪМОРБАЧАҲО



Бачаҳо рӯзи дароз
Ҳар сӯ карда даву тоз,
Дар соҳили нарми баҳр
Бино карданд як шаҳр.

Шаҳри чандон калон не,
Аз оҳану бетон не.
Шаҳри пур аз офтоб,
Масолеҳаш – регу об.

Порчаи шеъриро хонед ва мазмунашро баён кунед.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо сухани пурҳикмати **“Аз ҳаракат – баракат”**-ро пайдо кунед.






Порчаи шеъриро хонед ва ҳар як банди онро аз ҷиҳати мазмун шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Иморатҳояш баланд,
Боғу роғаш дилписанд.
Қад кашида ҳар манор
Бо усули нотакрор.

Дида онро ҳар одам
Мешавад шоду хуррам.
Вале ин шаҳри хуштарҳ
Напоид дер.
Оби баҳр

Лаб зада нобаҳангом
Фурӯ бурд онро ба ком.
Меъморбачаҳо аз нав
Ният доранд, даррав
Созанд шаҳри дигар,
Дар як ҷойи бехатар.

*Бобо Ҳоҷӣ*

Байни гурӯҳҳо лаҳзаи **“Ҳуҷуми ақлӣ”** ташкил намуда, ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Бачаҳо дар соҳили баҳр чӣ гуна шаҳр бино карданд?
2. Манораҳои сохтаи бачагон чӣ гуна будааст?
3. Чаро бачаҳо шаҳри нав сохтанӣ ҳастанд? Сабаби он дар чист?
4. Аз мазмуни шеър чӣ гуна хулоса баровардед?

Сифат ва феълҳои таркиби шеърро муайян намуда, бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Шаш зарби шаш,
Шавад сию шаш.

Шеърро аз ёд кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САНЪАТИ МИНЁТУРНИГОРӢ

## МАВЗӮИ 88. САНЪАТИ МИНЁТУРНИГОРӢ



Минётура лавҳаи рассомии ҳаҷман хурд, асосан, фарогири тасвирҳое мебошад, ки барои зебу зинати дастхатҳо ва тафсири бештари мазмунашон офарида мешуд. Минётура аз замонҳои қадим чун ҷузъи ороиши бадеии китоб дар Мисри қадим, Хитою Ҳиндустон ва Эронзамин (Эрон, Хуросон, Мовароуннаҳр) маълум буд. Минётураҳо, маъмулан, дар асоси сужети асарҳои назмӣ офарида мешуданд.

Мавзӯи минётураҳо аз саҳнаҳои ҷангҳои танбатан, лаҳзаҳои базму зиёфат, сайру шикор, маросими қабул, манзара, симои шахсони бузург ва ғайра иборат буданд.

Қадимтарин минётураҳо ба асри 11 мансубанд. Дар таърихи минётурнигории мардуми форс-тоҷик Камолиддини Беҳзод ва Авазмуҳаммади Самарқандӣ мақоми махсус доранд.

*(Аз китоби “Санъат”)*


Матнро хонед ва дар бораи санъати минётура маълумот диҳед.


Аз таркиби матн исмҳои хосро муайян намуда, бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.


Калимаҳои зеринро машқи талаффуз кунед.

*Минётура, лавҳ, дастхат, зебу зинат, сужет, минётурнигор.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Дарунаш холӣ,
Овозаш олӣ.
Мезанам ӯро,
Вақти бекорӣ.

Т Б
А
Л К



## МАВЗӮИ 89. МИНЁТУРНИГОРОНИ МАШҲУР

Бузургтарин ва машҳуртарин мактабҳои минётурнигории Шарқ дар Бағдод (асри 12), Табрез (асри 14) ва асрҳои 15–16 дар Шероз, Ҳирот, Самарқанд, Бухоро, Исфаҳон, Машҳад, Қазвин ва Ҳиндустон ҷой доштанд. Намояндагони ин мактабҳо Абуляҳё Ҷунайди Султонӣ, Султонмуҳаммади Табрезӣ, Саидғиёси Самарқандӣ, Мираки Наққош, Камолиддини Беҳзод, Абдуллоҳи Мусаввир, Ризои Аббосӣ ва дигарон дар равнақи минётурнигорӣ саҳми бузург гузоштаанд. Намунаҳои минётурнигорони ин мактабҳо дар осорхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд.

*(Аз китоби "Санъат")*



Матнро хонед, исмҳои хоси ифодакунандаи номи кишварҳои мактаби минётурнигорӣ ва саҳмгузорони он мактабҳоро дар алоҳидагӣ нависед.

Аз кадом ҷиҳат фарқ доштани калимаҳои зеринро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Минётура, минётурнигор, минётурнигорон, минётурнигорӣ.*

Сухани пурҳикматро мазмунан баён намоед.

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд: “Кадом биност, ки ҳаргиз хароб намешавад?” – Гуфт: “Адл”.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳои зарбулмасали **“Аз дилозор ҳама безор”**-ро пайдо кунед.




## МАВЗӮИ 90. НАҚҚОШ ВА МИНЁТУРНИГОРИ МАЪРУФ

Камолиддин Беҳзод – бузургтарин мусаввир, наққош ва минётурнигор. Ӯ дар Шарқ бо лақаби “Монии Сонӣ” ва дар Ғарб бо номи “Рафаэллои Шарқ” шӯҳрат дорад. Эҷодиёти Камолиддин Беҳзод гуногунжанру гуногунмавзӯъ аст. Қадимтарин осори меросгузоштаи





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Камолиддин Беҳзод нусхаи дастнависи **“Бӯстон”**-и Саъдии Шерозӣ мебошад. Наққош ва минётурнигори маъруф Камолиддин Беҳзод дастхатҳои **“Хамса”**-и Низоми Ганҷавӣ, **“Маҷнуну Лайлӣ”**-и Амир Хусрав, **“Мантиқ ут-тайр”**-и Аттор ва дигар саромадони адабиёти форс-тоҷикро ороиш додааст. Асарҳои Камолиддин Беҳзод на танҳо намунаи нодири санъати тасвирии Шарқ, балки яке аз дастовардҳои беҳтарини санъати рассомии ҷаҳон ба шумор меравад.

*(Аз китоби “Санъат”)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Бо назардошти мазмуни матн саволу супоришҳо тартиб диҳед.

Феълҳои таркиби матнро муайян намоед ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро гӯед.

Дар хусуси имлои феълҳо он чизе медонед, баён кунед.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.




Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Садто сафедор,
Сад себу анор.

* * *

Сад садаву бед,
Сию се себи сафед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 91. ФЕЪЛ. САВОЛҲОИ ФЕЪЛ

Он ҳиссаи нутқе, ки ҳаракат, амал ва ҳолати предметро ифода карда ба саволҳои **чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ мешавад?** ва ғайра ҷавоб мешавад, **феъл** ном дорад.

**Мисол:** *мехонам, меравам, гуфтам, омад, нишаст, хонд.*

Аз силсилаи мисолҳо феълҳоро муайян намуда, бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

*Доно, медонад, ҳушёр, мехонад, ҳозирҷавоб, гуфт, рассом, кашид, наққош, супорид, мусаввир, мекашад.*

**Феъл**

**Саволҳои феъл**

**чӣ кор кард? чӣ кор кардааст?**
**чӣ кор мекунад? чӣ шуд?.**

**Мисол**

**хонд, нишаст, рафт (чӣ кор кард)**
**хондааст, рафтааст, дидааст**
**(чӣ кор кардааст?)**
**мехонад, меравад, метозад**
**(чӣ кор мекунад?) содир шуд,**
**баргузор гардид (чӣ шуд?)**

Ба ҳар як саволи феъл панҷтой мисол нависед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Феъл чист?
2. Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САНЪАТИ ТАСВИРӢ

## МАВЗӮИ 92. ҚАЛАМҲОИ РАНГА

Қаламҳое, ки дорем,
Наққош ном доранд,
Ҳамроҳи мо бедареғ
Ҳама машғули коранд.

Мекашад қалами сабз
Шоху барги дарахтон,
Қалами гулобимон
Мекашад гули хандон.

Қалами кабуди мо
Мекашад рӯйи осмон,
Қалами хокистарӣ
Мекашад абри равон.

Қалами сурхаки мо
Мекашад гули лола,
Қалами обии мо
Мекашад расми жола.

*Гулназар Келдӣ*



Бандҳои шеърро дар алоҳидагӣ хонед, оид ба қалам ва моҳияти ранги онҳо фикратонро баён кунед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Калимаҳои **“мекашад”**, **“мекашанд”** ҳамчун ҳиссаи нутқ – феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
2. Қаламҳо дорои чӣ гуна рангҳоянд?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Рамз ва рангҳои парчами Ӯзбекистонро ёдрас намоед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Матои кабудак,
Пури нахӯдак.



## МАВЗӮИ 93. САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Аз рӯйи расм фикратонро баён кунед.

Санъати тасвирӣ рассомӣ, графика ва ҳайкалтароширо дар бар мегирад. Санъати тасвирӣ ҳаёти воқеиву ашёи мавҷударо тавассути образҳои аёнию дидашаванда ва дар шакли табииашон тасвир менамоянд. Асарҳои санъати тасвирӣ, инчунин ашёву зуҳуроти ғайривоқеӣ (маҳсули тахайюлоти инсон) ё ягон ҷиҳати чизи воқеиро яктарафа ва аз будаш бештар нишон дода метавонанд.

Матнро хонед ва пас аз он ба чунин саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Чӣ гуна санъатро санъати тасвирӣ меноманд?
2. Санъати тасвирӣ аз санъати меъморӣ чӣ фарқ дорад?
3. Рассомӣ, графика ва ҳайкалтарошӣ дар якҷоягӣ чиро ташкил медиҳанд?

Феълҳои таркиби матнро муайян кунед ва саволҳои мувофиқ гузоред.

Бо кӯмаки омӯзгор калимаҳои зеринро аз ҷиҳати тобиши маъно шарҳ диҳед.

*Тавассут, зуҳурот, тахайюлот.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аз рӯйи расм фикратонро баён намоед.

Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Рассом, расм, зебо, мусаввир, наққош, мекашад, мӯқалам, зард, офтоб, нурпош, коғаз, сафед, фикркунон, нишаст.*

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Ҷаҳл хоб асту илм – бедорӣ”**-ро пайдо кунед.



Ҳаракат ва ҳолатҳои ҳайвоноту паррандагонро нависед.

## МАВЗӮЪҲОИ 94–95. ҲАФТРАНГ

Замоне дар як диёр ҳафт ранг зиндагӣ мекард. Онҳо Сурх, Сабз, Норинҷӣ, Зард, Кабуд, Бунафш ва Гулобӣ буданд. Ҳеҷ кадоме аз ин рангҳо боре бо ранги дигар наомехта буд. Ҳар ранг фикр мекард, ки аз рангҳои дигар зеботар аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар як гӯшаи ин диёр ранги Сафед ҳам зиндагӣ мекард. Вай аз ин рафтори рангҳо огоҳ буд. Рӯзе онҳоро ба назди худ даъват кард ва гуфт:



Биёед, ман шуморо ба назди Ҳафтранг бубарам. Ҳафтранг дар сарзамини хеле дур зиндагӣ мекунад...

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аз таркиби матн калимаҳои ифодакунандаи хелҳои рангро муайян намуда, бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| М | У | Р | | О | Р | А |
| И | Т | А | | Р | Ш | С |
| Н | Ё | | | О | И | М |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ба расм нигаред, фикратонро аввал шифоҳӣ ва пас аз он хаттӣ баён намоед.

Рангҳо розӣ шуданд ва бо ранги Сафед ба сафар баромаданд. Худписандии рангҳо ҳангоми сафар ҳам ба назар мерасид. Яке ақиб мемонд, дигаре пеш мерафт.

Рангҳо аз болои дарё гузаштанд. Ранги Кабуд фарёд зад:

– Ана, маро бинед, чӣ гуна зебоям! ...

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Феълҳои таркиби ҷумлаҳои сархати сеюм, чаҳорум ва панҷумро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮЪҲОИ 96–97. РАНГҲОИ ҲАМСАФАР



Ба расм нигаред ва фикратонро баён кунед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Рассом дар расму тасвирҳо чӣ гуна рангҳоро истифода бурдааст?
2. Ҳафтрангҳо ба гурӯҳи кадом ҳиссаи нутқ дохил мешаванд?

... Рангҳои дигар чизе гуфтанӣ буданд, ки ранги Сафед гуфт:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Биёед, поинтар фароем ва каме истироҳат кунем. Рангҳо поин фуромаданд ва раққосаеро диданд, ки бо пироҳани зебо рақс мекард.

Пироҳанаш чунон ҷолиб буд, ки рангҳои гуногуни он бинандаро ба шавқ меовард. Дар пироҳани раққоса рангҳои сурх, сабз, сафед ва кабуд хеле зебо менамуданд.

Ин манзараи зебои ғайриоддӣ рангҳоро ба ваҷд овард. **“Ин хел набояд бошад”**, – гуфт ранги Сабз. Норинҷӣ ҳам бовар накарда гуфт: **“Корест ношуданӣ, рафтем аз ин ҷо”.** Ранги Бунафш худ ба худ гуфт: **“Агар росташро гӯям, ман агар бо Гулобӣ якҷо бошам, зеботар менамоям”. “Ваҳ, ману Норинҷию Гулобӣ дар пироҳани он раққоса чӣ сон дилфиреб метобем!”** – фикр мекард Сурх ...

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

## ТЕСТ

1. Ранги сафед ба дигар рангҳои ҳамсафар чӣ гуфтааст?

а) поинтар фароем б) зебоям в) ранги ягонаам

2. Дар пироҳани кӣ рангҳои сурх, сабз, сафед ва кабуд хеле зебо менамуд?

а) ҳофиз б) сурудхон в) раққоса

3. Кадоме аз рангҳо гуфтааст, ки агар **“ман бо Гулобӣ якҷо бошам, зеботар менамоям”**.

а) сабз б) бунафш в) гулобӣ

Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Дар дасти оча бача,
Дар дасти бача кулча.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



... Онҳо боз парвоз карданд.

Чанд фарсах парвоз карда буданд, ки миёни водиҳои лолазор қасре намудор шуд. Аз даруни он суруди фораме шунида мешуд. Ранги Гулобӣ гуфт:

– Биёед, поин фароему сурудро аз наздик гӯш кунем.

Рангҳо поин фуромада, гурӯҳи занонеро диданд, ки сурудхонон гулдӯзӣ мекарданд. Гулдӯзӣ саросар аз рангҳои гуногун иборат буд: сурху сабз, норинҷию зард, кабуду бунафшу гулобӣ.

Баъди тамошои ин манзара ранги Сафед гуфт:

– Сафарамонро давом медиҳем.

Рангҳо ҳар қадар пеш мерафтанд, ҳамон қадар ҳаво сардтар ва кӯҳҳо баландтар мешуданд. Ногаҳон чашмашон ба духтараке афтод, ки дар назди бибияш нишаста буд.

Бибияш барои ӯ ҷӯроб (пайпоқ)ҳои пашмин мебофт. Ҷӯробҳо саросар аз рангҳои гуногун иборат буданд...

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз рӯйи расм фикратонро аввал шифоҳӣ ва пас аз он хаттӣ баён кунед.

Бо назардошти мазмуни матн савол ва супоришҳо тартиб диҳед.

Калимаи **“фарсах”**-ро бо кӯмаки омӯзгор шарҳ диҳед.

Кадом ҳиссаи нутқ будани калимаҳои **“сардтар”** ва **“баландтар”**-ро гӯед.

## МАВЗӮЪҲОИ 98–99. РАНГҲО БА ОИНА НАЗАР КАРДАНД

– Эй дӯстон, шитобед, ки ҳоло шамоли сахт мевазад! Бояд сарпаноҳе биёбем, – гуфт ранги Сафед.

Рангҳо боз ба ҳаво парвоз карданд.

– Ана дидед, бинои зеборо. Биёед, ба он даромада, гарм шавем, – гуфт ранги Гулобӣ.

Рангҳо вориди хона шуданд.

Ин бино осорхона буд. Дар деворҳои он расму рамзҳои гуногун овезон буданд.

Рангҳо нақшҳои овезаҳоро тамошо карда, ҳар яке ранги худро меҷуст. Лекин дар алоҳидагӣ худро пайдо намекарданд.

Аз ҷустуҷӯи ранги аслии худ монда шуданду онҳоро хоб бурд.

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Чаро номи рангҳо дар матн бештар бо ҳарфи калон навишта шудааст? Оё ҳамон тавр навиштани онҳо дуруст аст?
2. Рангҳои сафед ва гулобӣ байни худ чӣ гуна сӯҳбат оростаанд?
3. Осорхона чӣ гуна маскан аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Суратмуаммо.** Аз номи рақаму калима калимаи аз ҷиҳати сохт мураккаб тартиб диҳед. Гӯед, ки он кадом калима будааст?




Субҳи барвақт ранги Сафед онҳоро бедор карда гуфт:

– Сафарамонро давом медиҳем.

Рангҳо аз нав ба парвоз баромаданд. Онҳо парвозкунон ба қасри шишагине расиданд, ки дар осмон ҷойгир буд.

– Соҳиби ҳамин қаср Ҳафтранг аст, – гуфт ранги Сафед.

Рангҳо бо овози баланд Ҳафтрангро чеғ заданд, ба ҳар гӯшаю канори қаср рафтанд, аммо онро пайдо карда натавонистанд.

Ранги Сафед ин ҳолро дида гуфт:

– Дӯстонам! Ман ба шумо омезиши рангҳоро дар пироҳани раққоса, гулдӯзии дугонаҳо, ҷӯробҳои бибӣ ва расму нигораҳои осорхона нишон додам. То бубинед, ки шумо дар якҷоягӣ чӣ қадар зебо менамоед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳеҷ гуна Ҳафтранге вуҷуд надорад. Охир, шумо худро дар оина бубинед. Магар шумо дар якҷоягӣ Ҳафтранг нестед?

Зебоиро на дар берун, балки дар даруни худ бояд ҷуст!

Рангҳо ба оина назар карданд ва акси худро дар он диданд.

Фаҳмиданд, ки онҳо дар якҷоягӣ Ҳафтранг будаанд. Фаҳмиданд, ки ҳар ранг дар якҷоягӣ бо ранги дигар зебою пурҷилотар мегардад. Аз иттифоқи рангҳо тамоми диёр шукуфон шуд. Осмону Замин аз нақшу нигори зебою сеҳромез рангину босафо гашт. Дар осмон рангинкамон баромад.

*(Аз «Ҳафт ранг»-и З. Назарова)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аз рӯйи расм фикратонро аввал шифоҳӣ ва пас аз он хаттӣ баён кунед.

Ба ҷойи хатти рост феълҳои мувофиқро гузошта, шакли пурраи ҷумлаҳоро пайдо кунед.

1. Рангҳо ба оина назар __________. 2. Аз иттифоқи рангҳо тамоми диёр __________. 3. Дар осмон рангинкамон __________. 4. Рангҳо аз нав ба парвоз __________. 5. Рангҳо нақшҳои овезаҳоро __________. 6. Дар пироҳани раққоса рангҳои сурх, сабз, сафед ва кабуд хеле зебо __________.

**Калимаҳо барои истифода:** карданд, шукуфон шуд, баромад, баромаданд, тамошо кардаанд, менамуданд.

Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Ба шаш шохи шафтолу
Шасту шаш гунҷишк нишаст.

Хониши матнҳои **"Ҳафтранг"** ва нақли мазмуни он.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 100. ХОЛАИ ЗАРДӮЗ

Холаи зардӯз,
Ба ман тоқидӯз.
Ё тоқиам дӯз,
Ё маро омӯз –

– Ҷилваи зарро,
Нури ахтарро,
Шабнами рӯйи
Ғунчаи тарро.

Шамсу қамарро,
Ранги саҳарро.
Холаи зардӯз,
Холаи дилсӯз,

Дар барат даме
Биншинам каме.
Бинмоям назар
Як бори дигар.

Ҷилваи зарро,
Нури ахтарро,
Шабнами рӯйи
Ғунчаи тарро,

Шамсу қамарро,
Ранги саҳарро.
Шояд ягон рӯз
Ман шавам зардӯз.

*Гулчеҳра Сулаймонӣ*



Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Духтарак ба холаи зардӯз бо гуфтани кадом суханҳо муроҷиат кардааст?

Аз рӯйи расму тасвир фикратонро баён намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.







Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Зулфия зар медӯзад,
Зевар аз ӯ омӯзад.

Калимаҳои зеринро аз ҷиҳати тобиши маъно шарҳ диҳед ва ҳаммаъноияшонро нависед.
*Шамс, қамар, ахтар.*

## МАВЗӮИ 101. ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

Феъл се замон дорад. Замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.

Феъли замони гузашта амали пештар иҷрошударо ифода карда ба саволҳои **чӣ кор кард? чӣ кор карданд? чӣ шуд?** ҷавоб мешавад.

Феъли замони ҳозира ба саволҳои предмет **чӣ кор мекунад? чӣ кор карда истодааст?** ҷавоб мешавад.

Феъли замони оянда ба саволҳои предмет **чӣ кор хоҳад кард? чӣ бояд кард?** ҷавоб мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТЕСТ

1. Феъл чанд замон дорад?

а) ду замон б) се замон в) чаҳор замон

2. Ба феълҳои замони гузашта кадоме аз ин саволҳо гузошта мешавад?

а) чӣ кор кард? б) чӣ кор мекунад?

в) чӣ бояд кард?

Ба ҷадвал нигаред, феълҳои таркиби ҷумларо муайян намоед ва пас аз он замонҳояшро номбар кунед.

**Замонҳои феъл**

**гузашта** | **ҳозира** | **оянда**

**Мисол**

**1. Қафаси кабкро дар шохи дарахт овехтам.**

**2. Дирӯз борон ва жола борида буд.**

**3. Мо пагоҳ ба тамошои боғи ҳайвонот меравем**

Аз рӯйи расм бо истифодаи феълҳои замонашон гузашта, ҳозира, оянда матн тартиб диҳед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тезгӯякро бо усули якнафасбарорӣ талаффуз кунед.

Ҳавлии мо як парча,
Дар боғи мо як арча.
Мо ҳамагӣ чор бача,
Ду писар, ду духтарча.

Панҷтоӣ феълҳои замонаш гузашта, ҳозира, оянда нависед.

## МАВЗӮЪҲОИ 102–103. ОФТОБАКИ ХАНДОНРӮ



Ҳаракат, ҳолат ва бо кадом амалиёт банд будани рассоми ҷавонро номбар кунед.

Матнро хонед ва феълҳои таркиби онро муайян намоед. Пас аз он ба кадом саволҳо ҷавоб шудани феълҳои замонашон гуногунро гӯед.

Фарзин расмкаширо ёд гирифтааст. Фарзона ҳам мехоҳад, ки мисли вай расмкаширо ёд бигирад. Фарзин ваъда кард, ки ба ӯ ёрӣ мерасонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Фарзин қаламҳояшро гирифта гуфт:
– Ман расми офтобак мекашам.
Фарзона ҳам қаламҳояшро гирифта гуфт:
– Ман ҳам расми офтобак мекашам.
Фарзин гуфт:
– Офтобаки ман ба олам нур мепошад.
Фарзона гуфт:
– Офтобаки ман ҳам ба олам нур мепошад. Аммо нурҳои он каҷу килебанд.



Фарзин гуфт:
– Ҳеҷ гап не. Ёд мегирӣ.
Фарзин боз гуфт:
– Офтобаки ман заррин аст.
Фарзона низ гуфт:
– Офтобаки ман ҳам заррин аст. Аммо аз ту зеботар.
Фарзин гуфт:
– Ин бори аввал аст.
Фарзин боз гуфт: – Офтобаки ман дар осмони кабуд аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Фарзона ҳам кӯшиш кард, ки офтобакаш дар осмони кабуд бошад.

Фарзин гуфт: Ту аллакай ёд гирифтӣ.

Расми офтобаки Фарзин тайёр аст.

Тасвири офтобаки Фарзона ҳам тайёр шуд.

Рӯзи дигар Фарзину Фарзона ба мактаб рафтанд.

Омӯзгор офтобаки Фарзинро таъриф кард. Баъд дар поёни расм **“Аъло”** навишт.

Омӯзгор офтобаки Фарзонаро ҳам таъриф кард. Дар поёни расми ӯ ҳам **“Аъло”** навишт. Сипас, онро дар девор овехта гуфт:

– Офтобаки хандонрӯ.

Фарзин гуфт:

– Дидӣ, ту метавонӣ.

Фарзона гуфт:

– Ҳамааш бо ёрии ту.

*Фирӯза Хӯҷаназарова*

Матнҳоро хонед ва феълҳои таркиби онро муайян намуда, бо хати зебо ба дафтар рӯбардор кунед.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Ҳеҷ зевар чун фарҳанг нест!”**-ро пайдо кунед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## САВТУ СУРУДҲОИ ДИЛОШӮБ

### МАВЗӮИ 104. БИЁ, БАҲОР!

Биё, баҳор, бозӣ кунем,
Чумчая наққошӣ кунем.
Чумча ба мо об диҳад,
Оба ба полиз диҳем.

Полиз ба мо сабча диҳад,
Сабчая ба модгов диҳем.
Модгов ба мо шир диҳад,
Шира ба деҳқон диҳем.

Деҳқон ба мо ғалла диҳад,
Ғаллая ба осиё диҳем.
Осиё ба мо орд диҳад,
Орда ба элак диҳем.

Элак ба мо бехта диҳад,
Бехтая ба суфра диҳем.
Суфра ба мо хамир диҳад,
Хамира ба танӯр диҳем.

Танӯр ба мо кулча диҳад,
Кулчая ба чӯпон диҳем,
Чӯпон ба мо барра диҳад,
Баррая ба бозор барем.
Китоба аз дӯкон харем,
Китоба мо хонда шавем,
Китоб ба мо савод диҳад.

*(Аз эҷодиёти халқ)*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро баён намоед.

Аз таркиби шеър феълҳоро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Бо корбасти калимаҳои дар ҷадвал пешниҳодшуда, инчунин феълҳои замони гузашта, ҳозира, оянда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 105. СОЛИ НАВ

Лайлак омадаст дина,
Дар ҳавлии Одина.
Одина хамир кардаст,
Келинаш фатир кардаст.

Ҳезумаш камӣ кардаст,
Камтарак намӣ кардаст,
Бобош ба ҳезум рафтаст,
Арғамчина гум кардаст.

Арғамчин дар боғи мо,
Себи сурх анори мо.
Себи сурхи оташин,
Гул баромад аз замин.

Аввали фасли баҳор,
Аз сари шохи чанор,
Ду лайлаки қайроқбоз,
Мехонад бо як овоз.

*(Аз эҷодиёти халқ)*

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро баён намоед.

Феълҳои таркиби матнро муайян намоед ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро гӯед.

Ҳангоми мубодилаи фикр дар нутқ феълҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно корбаст мешаванд.

Феълҳое, ки маънои якхела дорад, ҳаммаъно ба шумор меравaнд. Монанди: **кушодан – боз кардан, гузоштан – ниҳодан, гап задан – сухан кардан, вонамудан – кушодан.**

Баъзе аз феълҳо маънои муқобилро ифода мекунанд. Маънои муқобили феълҳо бо қабули **пешванди на-** ба амал меояд. Монанди: **гуфт – нагуфт, навишт – нанавишт.**

Феълҳои таркиби шеърро бо илова намудани **пасванди на-** дар шакли ифодаи муқобил нависед.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Нодон душмани доност”**-ро пайдо кунед.



Шеърро аз ёд кунед.

## МАВЗӮИ 106. ХОН КИТОБ!

Гӯш бидеҳ, дугона,
Гӯям ба ту тарона.
Хоҳӣ, сад ғазал гӯям,
Саду як матал гӯям.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Қисса гӯям беҳисоб,
Ҳамаи ин аз китоб.
Китоб баҳо надорад,
Ғам аз дилҳо барорад.

Як китоби пурмаъно,
Беҳ аз як доман тилло.
Китоб хонӣ, доноӣ,
Аз ҳама кас болоӣ.
Дугона, ту ҳам биштоб,
Бекор нашин, хон китоб!



*Маҳбуба Неъматзода*

Шерро бурро ва равон хонед. Пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Аз таркиби шеър феълҳоро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Байти зеринро мазмунан шарҳ диҳед.

Китоб хонӣ, доноӣ,
Аз ҳама кас болоӣ.

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Ростиро завол нест”**-ро пайдо кунед.




Шеърро аз ёд кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 107. ҲИКОЯТ

Роҳгузаре аз Суқрот пурсид:

– Аз ин ҷо то шаҳр чанд соат роҳ аст?

Суқрот гуфт: – Рафтан гир.

Роҳгузар қариб бист қадам зад, ки Суқрот аз пасаш фарёд зада гуфт: – Ду соат!

Роҳгузар ҳайрон шуда пурсид: – Барои чи инро дарҳол нагуфтӣ?

Суқрот дар ҷавоб гуфт: Зеро бо кадом суръат роҳ рафтани туро ман намедонистам!



Матнро хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Марди роҳгузар аз Суқроти донишманд чиро пурсидааст?
2. Суқроти донишманд ба саволи шахси роҳгузар чӣ гуна ҷавоб додааст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Суқроти донишманд пас аз чанд қадам роҳ паймудани шахси роҳгузар ҷавоби саҳеҳ баргардонидааст?
4. Роҳгузар бо ҳайрат аз Суқроти донишманд чиро пурсидааст?

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.







Аз рӯйи расм бо интихоб ва корбасти феълҳои замони гузашта, ҳозира, оянда матн тартиб диҳед.

## ОДОБИ МУОШИРАТ

## МАВЗӮИ 108. САЛОМ!

Ҳар субҳдам
Бар мактабам
Озода гардам раҳсипор,
Ман зуд-зуд
Дар роҳи худ
Бо одамон оям дучор.

Бо ҳар шиносу ношинос
Гӯям ба хушнудӣ салом,
Шодон шавам,
Хандон шавам,
Осон диҳам раҳро давом.
Аз ин сухан



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мисли чаман
Гардад шукуфон боғи дил,
Бе ҳарфу гап,
Хомӯшу хап
Гар бигзарам, монам хиҷил.

Аз як саломи эҳтиром
Ҳар хотире хуррам шавад,
Ҳар хушкалому хушсалом
Ҷо дар дили одам шавад.

*Шодӣ Саттор*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он бандҳои якум ва дуюмро мазмунан нақл кунед.

Дар мавзӯи **“Одоби саломдиҳӣ”** сӯҳбати тарафайн ташкил намоед.

Бандҳои сеюм ва чаҳорумро мазмунан баён намоед.

Аз рӯйи расм бо корбасти исм, сифат, феъл матн тартиб диҳед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Суратмуаммо.** Бо гузоштани сарҳарфи расмҳо зарбулмасали **“Мард ба ҳунар ном гирад”**-ро пайдо кунед.




## МАВЗӮИ 109. РОСТ ГӮЙ ВА АЙБ МАҶӮЙ!

1. Нахуст андеша кун, (он гоҳ) бигӯй. 2. То напурсанд, магӯй! 3. Рост гӯй ва айб маҷӯй! 4. Ростеро, ки дурӯғмонанд аст, магӯй. 5. Накӯхӯй (хушфеъл) ва камозор бош... 6. Касро ба сухан сахт ранҷа ма-





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гардон. 7. Дар сухан ҷавобандеш бош... 8. Забонро аз одат кардан ба дашном ҳифз кун! 9. Беҳудагӯйиро сари офатҳо дон... 10. То нахонанд, марав! 11. Некӣ кун, то бадал ёбӣ. 12. Некномиро ба ҷон ҷӯй. 13. Ба ғами касон шодӣ макун. 14. Ба тавонгарӣ фахр манмо!

*(Аз "Рисолаи калимот"-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ)*

Бо суханҳои пурҳикмат шинос шавед ва ҳар яки онро дар алоҳидагӣ шарҳ диҳед.

Феълҳои таркиби суханҳои пурҳикматро пас аз муайян намудан, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Ин чашм чӣ чашми моҳир,
Касро гирад ба хотир.
Баъд меорад ба дунё,
Акси як ба яки мо.



Аз рӯйи расм бо интихоб ва корбасти исм, сифат, феъл, матн тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 110. ТАКРОР ВА МУСТАҲКАМКУНӢ

Таом бо шитоб махӯр. Оҳиста бош. Ба сари хон бо мардумон сӯҳбат накун, валекин сар дар пеш афканда дор ва дар луқмаи мардумон манигар.

Агар пеши ту хӯрданӣ бошаду пеши дигарон набошад, аз пеши худ ба пеши дигарон фирист.

Ба сари хон туршрӯй мабош ва бо дастархондор ҷанг макун, ки ин хӯрданӣ нек асту он бад аст. Он сухан замони дигар бояд гуфт.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Суханҳои пурҳикматро хонед ва мазмунан шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бозии “Калимаёбак”.** Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳо тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| С | З | А |
| А | О | Р |
| В | Ғ | Д |

| | | |
|---|---|---|
| С | Л | П |
| О | О | А |
| Л | Б | Р |

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Дар фасли сармои яхин,  
Панҷ додарони нозанин,  
Биншаста дар як хонаанд,  
Аз сардиҳо ворастаанд.

(тсаД ва кашӯптсад)

Мавзӯъҳои ба боби **“Санъат ва маданият”** алоқамандро бо воситаи саволу ҷавоб, супориш ва тестҳо такрор намоед.

## МАВЗӮЪҲОИ 111–112. КОРИ НАЗОРАТӢ ВА ТАҲЛИЛИ ОН

Ба расми саҳифаи 140 сарлавҳа интихоб кунед ва пас аз он нақша тартиб диҳед.

Мувофиқи нақша иншо нависед.

Баъзе аз қоидаҳои имлоии исм, сифат, феълро вобаста ба мавзӯъҳои омӯхта ёдрас намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*O‘quv nashri*

**Tavakkal Choriyev, Jumanazar Eshonqulov**

# ONA TILI VA O‘QISH SAVODXONLIGI

*1-qism*

*Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining*
*3-sinfi uchun darslik*
*(Tojik tilida)*

Муҳаррир *Илҳом Эшонзодаи Насафӣ*
Муҳаррири техникӣ *Акмал Сулаймонов*
Муҳаррири бадеӣ *Сарвар Фармонов*
Рассом *Нигора Нусратова*
Дизайнер *Тоҳир Турғунбоев*
Саҳифабанд *Ҳилола Шарипова*
Мусаҳҳеҳ *Дилшода Ҳамроқулова*

Ба чопаш 08.04.2022 имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/8.
Гарнитураи Ариал. Кегели 16 шпондор.
Бо усули офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 16,74.
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,17.
Теъдоди нашр …….нусха. Фармоиши № ...........

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷадвали нишондоди ҳолати китоби дарсии ба иҷора диҳанда

| № | Ному насаби диниш-омӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин пур карда мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова кач шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноат-бахш | Муқова даридааст ва ба рӯйҳояш хат кашида шудааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст. Китобро барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE